**Ҳисобот**
**дар бораи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар нӯҳ моҳи соли 2013**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар нуҳ моҳи соли 2013 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро идома дод.

## I. Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.

Таи давраи ҳисоботӣ дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират. Агентӣ баҳри беҳтар намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат, бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва дигар табақаҳои камбизоат як қатор корҳоро ба сомон расонид.

**Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа ба 17567 нафар аз рӯи ҳамаи самтҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида шуданд. Аз ҷумла, дар шароити будубоши доимӣ 1663 нафар, табобати санаторӣ - курортӣ 1885 нафар дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона 3077 нафар, дар шароити хона 4771 нафар, бо аробачаҳои маъюбӣ 620 нафар, бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, пояфзол барои протез, ортез, камарбанди чармӣ 4398 нафар, 545 адад асо барои нобиноён, 608 нафар бо асобағал таъмин карда шуд.**

Таи ин давра ба Агентӣ 561 адад ариза, мактуб ва дархостҳо ворид гардидаанд, ки аз онҳо 269 адад мактубҳо аз ҳукумат, ташкилоту корхонаҳо ва 292 адад аризаҳои шаҳрвандон, аз ҷумла оиди расонидани кӯмакҳои моддӣ, истифодаи имтиёзи роҳи оҳан ва ҳавопаймо, таъмин намудан бо аробачаи маъюбӣ, маснуоти ориятӣ, роҳхатҳои санаторӣ-курортӣ, ҷойгир намудани пиронсолони яккаву танҳо ва маъюбон дар хона-интернатҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба хизматрасонии иҷтимоӣ буданд, ки саривақт баррасӣ гардида, ба онҳо ҷавобҳои саҳеҳ ва дар доираи қонунҳои амалкунанда гардонида шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аризаҳои шаҳрвандон нисбати ҳамин давраи соли гузашта 140 адад кам шудаанд.

**1. Самти хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ.** Агентӣ фаъолияти муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва осоишгоҳу истироҳатгоҳҳоро аз қабили ду хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳӣ, чор хона-интернати пиронсолону маъюбон бо се шӯъбаи кӯдакона барои кӯдакони имконияташон маҳдуд, ММТ барои кӯдакон ва наврасони “Чорбоғ”, Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон бо филиалаш дар ноҳияи Рушон, Муассисаи давлатии “Маркази байналмилалии тавонбахшӣ” дар ноҳияи Балҷувон ва чор истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнатро

бобати расонидани хизмати иҷтимоию тиббӣ ба бошандагону истироҳаткунандагон дар сатҳи зарурӣ зери назорати доимӣ қарор медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо 1663 нафар бошандагон, аз ҷумла 923 нафар мард, 670 нафар занҳо ва 607 нафар кӯдакон будубоши доимӣ доранд. Аз ин шумора 223 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 589 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм, 59 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм (асосан хонандагони Литсей-интернат), 359 нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 173 нафар маъюбони бистарӣ ва боқӣ нафақахӯрон мебошанд. Маврид ба зикр аст, ки дар Шӯъбаи тавонбахшии Муассисаи давлатии "Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони "Чорбоғ" дар нуҳ моҳи соли равон 450 нафар кӯдакони эҳтиёҷманд ба тавонбахшӣ ва модаронашон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 55 нафар зиёд мебошад.

Шумораи фавтидагон дар ин давра 32 нафарро ташкил медиҳад. Ба бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо зиёда аз 900 нафар кормандон хизмат мерасонанд *(ҷадвал замима мегардад)*.

Тибқи Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2013, №51 "Дар бораи тасдиқи меъёри хароҷоти маводи ғизоӣ дар муассисаҳои иҷтимоии системаи Агентӣ" меъёри хароҷоти маводи ғизоӣ ба ҳар як бошанда 10-12 сомониро ташкил медиҳад, ки барои бо се вақт таъмин намудани хӯроки бошандагон пурра басанда аст.

Илова бар ин, дар нуҳ моҳи соли равон ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо аз ҳисоби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба маблағи **761143** сомонӣ, аз ҷумла маводи ғизоӣ 319877 сомонӣ, сару либос 194677 сомонӣ, таҷҳизот- 98815 сомонӣ, маводи хоҷагидорӣ 111125 сомонӣ, пули нақд-36499 сомонӣ ва дигар маводҳо ба маблағи 150 сомонӣ кӯмакҳои хайрия ворид гардидаанд. Даромади хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳо низ барои серғизо намудани дастурхони бошандагон истифода бурда мешаванд.

Бояд афзуд, ки дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи 2013, №6 "Дар бораи тасдиқи меъёри маводи доруворӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо" меъёри хароҷоти маводи доруворӣ аз 1 январи соли 2013 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд 1,05 сомонӣ, беморони касалиҳои рӯҳӣ 1,15 сомонӣ ва пиронсолону маъбон 1,10 сомонӣ ба як нафар дар як шабонарӯз (бо истисноӣ хона-интернати пиросолону маъюбони "Деҳмой", ки маблағгузории он аз ҳисоби буҷети маҳалӣ аст) дар ҳамаи муассисаҳои будубоши доимӣ муқаррар карда шуда, пардохт гардиданд.

Таззакур бояд дод, ки фаъолияти муассисаҳои давлатии хона – интернатҳо бобати дар сатҳи зарурӣ расонидани хизматрасониҳои иҷтимоию тиббӣ ба бошандагон таҳти назорати доимии Агентӣ қарор дошта, пайваста санҷишҳо гузаронида мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки пурра амалӣ гардидани ҳамаи намуди стандартҳо ба ҳолати биноҳои зисти бошандагон низ вобастагӣ дорад. Дар ин радиф бояд гуфт, ки биноӣ якуми ММТ "Чорбоғ", ошхонаи хона-интернати Восеъ ва истироҳатгоҳи Ромит таъмирталаб шудаанд ва барои таъмири онҳо аз ҳама имкониятҳо истифода бурдан ва андешидани чораҳои мушаххас зарур аст. Дар ин васила Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва

муҳоҷират тасмим гирифтааст, ки баҳри ҳалли қазияи зикршуда маблағҳои заруриро дар буҷети солҳои оянда ба нақша гирад.

Бояд қайд намуд, ки бо назардошти кӯҳнаю фарсуда ва ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ набудани биноҳои Муассисаи давлатии “Хона - интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат” тибқи Фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2013, №3 ва аз 21.01.2013, №11 45-нафар бошандагони он ба Муассисаи давлатии “Хона - интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода”, 30 нафар ба Хона - интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ёвон” ва 6 нафар ба хона-интернати шаҳри Панҷакент гузаронида шуданд.

Агентӣ дар ин давра нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани Рӯзи Модар, ҷашни байналмилалии Наврӯз ва Ваҳдати миллӣ, Истиқлолияти давлатии ҶТ таҳия намуда, тибқи он иштирок ва табрикоти намояндагони Вазорат ва Агентиро дар ин чорабиниҳо таъмин намуд. Ин маросимҳо дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва марказҳои будудбоши рӯзона дар доираи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардиданд. чунончи, рӯзи 1 июни соли 2013 (Рӯзи байналмилалии муҳофизати кӯдакон) бо ташаббуси Вазорат ва дастгирии соҳибкорон дар ММТ “Чорбоғ” тӯи суннатии 10 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд аз ин муассиса ва 10 нафар кӯдакон аз оилаҳои камбизоат дар сатҳи зарурӣ гузаронида шуд.

Ҳолати пешгирӣ аз ҳодисаҳои сар задани сӯхтор дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва марказҳои будудбоши рӯзона таҳти назорати доимии Агентӣ қарор дорад. Аз ин хотир аз тарафи кормандони Агентӣ муассисаҳои номбурда пайваста мавриди санҷиш қарор дода мешаванд. Оиди корҳои зидди сӯхтор (ташкил кардани ҳавзи об, гузаронидани воситаҳои автоматии аз сӯхтор воқифкунанда, коркарди чортоқҳо ва ғайра) дар муассисаҳо чораҳои амалӣ андешида шудаанд. Ҳар моҳ ҳисоботҳои муассисаҳо оиди зимистонгузаронӣ ҷамъбаст гардида, ба Ситоди Вазорат пешниҳод карда мешаванд. Дар ин росто нақшаи талаботи маводи ғизоӣ ва сузишвории муассисаҳо ва захираи он барои мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2013-2014 таҳия ва ба Вазорат пешниҳод гардид. Айни ҳол 93,1%-и нақша захира гардидааст. Аз ҷумла, орд/гандум 116030кг, равған 6230кг, ярмаҳои гуногун 20710 кг, маҳсулоти макаронӣ 7755 кг, картошка 33325 кг, дигар сабзавотҳо 49636 кг, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ 12208 кг, меваи хушк 5795 кг, шарбатҳо 14205 лтр, карами шуркардашуда 7768 кг. (Ҷадвал замима мегардад)

Масъала дар ҷаласаи Ситоди Агентӣ бо иштироки директорони муассисаҳо мавриди баррасӣ қарор дода, супоришҳои мушаххас дода шуда, гурӯҳи корӣ фаъолияти хона-интернатҳои Васеъ, Ёвон, Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода, Чорбоғ ва истироҳатгоҳҳоро мавриди санҷиш қарор дода камбудиҳои ҷиддиро ошкор намуда, бароиислоҳи онҳо ба сохторҳои зикршуда дастур доданд.

Роҳхатҳои санаторӣ – курортӣ (аз рӯи бастҳо) дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011, №603 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои таъмин намудани маъюбон бо табобати санаторӣ-курортӣ» ва

чадвали тасдиқнамудаи Вазир оиди тақсимоти роҳхатҳо дастраси сохторҳои Агентӣ гардонида шуданд.

Ҳамзамон, тибқи фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули собиқадорони ҷангу меҳнат ва маъюбон ба истироҳатгоҳҳои Агентӣ дар мавсими истироҳатии соли 2013 чадвали бастҳои истироҳатӣ тартиб дода шуд, ки осоишгоҳи «Харангон» аз 6 май, истироҳатгоҳи «Дӯстӣ» аз 13 май, истироҳатгоҳҳои «Ромит» ва «Биби Фотимаи Заҳро» аз 27 май қабули ниёзмандонро оғоз намуданд.

Мавриди зикр аст, ки тибқи чадвали тасдиқшуда истироҳатгоҳҳои «Дӯстӣ» дар 7 баст (455 нафар), Ромит дар 7 баст (315 нафар), Осоишгоҳи Харангон 455 нафар ба муддати 18 рӯзӣ, Истироҳатгоҳи «Биби Фотимаи Заҳро»-и ноҳияи Ишкошим (бо филиалаш дар ноҳияи Рошткалъа) бошад, дар 10 баст (600 нафар) ба муддати 12 рӯзӣ ба табобату истироҳат фаро мегиранд, ки дар маҷмӯъ имконияти истироҳатгоҳҳо, дар як баст 225 кат-ҷой ва дар мавсими солона 1825 кат-ҷойро ташкил менамояд.

**Ҳамин тариқ, дар нуҳ моҳи соли равон дар истироҳатгоҳи «Дӯстӣ» 454 нафар, Ромит 322 нафар, Осоишгоҳи Харангон 440 нафар, Истироҳатгоҳи «Биби Фотимаи Заҳро»-и ноҳияи Ишкошим (бо филиалаш дар ноҳияи Рошткалъа) 581 нафар, аз ҷумла иштирокчиёну маъюбони ҶБВ 151 нафар, дар қаламрави дигар давлатҳо-225 нафар, иштирокчиёни СБА Чернобил 12 нафар, маъюбони касалиҳои умумӣ - 1088 нафар ва собиқадорони меҳнат-347 нафар бо роҳхатҳои Агентӣ истироҳату табобат гирифта, саломатиашонро барқарор карданд.** Мавриди зикр аст, ки имсол дар деҳаи Занинси ноҳияи Рошткалъаи ВМКБ истироҳатгоҳи нави собиқадорони ҷангу меҳнат барои 100 кат- ҷой дар мавсим ба истифода дода шуд.

**Истифодаи роҳхатҳои санаторӣ-курортӣ дар сохторҳои Агентӣ чунин аст:**
**ВМКБ – 532 адад ( 99%);**
**Вилояти Хатлон – 685 адад (123%);**
**Вилояти Суғд – 26 адад (130%);**
**Шаҳри Душанбе – 192 адад (96%);**
**НТҶ – 353 адад (109%).**

Бояд қайд намуд, ки тибқи Нақшаи Агентӣ дар маҷлисҳои назоратии назди Директор бо Фармоиши Директори Агентӣ аз 11 июни соли 2013, №37 дар МД Осоишгоҳи Харангон, истироҳатгоҳҳои «Ромит» ва «Дӯстӣ» аз тарафи масъулини Агентӣ санҷиш гузаронида шуд, ки табобату истироҳат дар муассисаҳо мутобиқи нақша ба роҳ монда шуда, аз тарафи истироҳаткунандагон ягон арзу шикоят нисбати хизматрасонӣ ошкор нагардид. Танҳо дар истироҳатгоҳи “Ромит” масъалаи таъмин набудан бо рӯзнома ва маҷалаҳо, инчунин набудани китобҳои нав дар китобхонаи муассиса эрод гирифта шуд, ки саривакт ба муалифони ариза ҷавоб гардонида шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки имсол бо ба истифодаи додани бинои нав дар Осоишгоҳи Харангон шумораи кат-ҷой ба 100 адад расонида шуд. Дар он робита қайд кардан зарур аст, ки доираи қабули ниёзмандон ба осоишгоҳи Харангон каме маҳдуд аст, чунки ғайр аз маъюбону иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъюбон дар қаламрави дигар давлатҳо (50%) дигар категорияи ниёзмандонро қабул карда наметавонад. Ин ба он боис мегардад,

ки иҷрои нақшаи кат-ҷой дар ин муассиса ҳамасола таъмин намегардад ва зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори ҳукумат ба миён омадааст.

**2. Самти хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ.** Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти хизматарасонии иҷтимоӣ фаъолияти муассисаҳои иҷтимоиро дар нӯҳ моҳи соли равон ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012, №724 "Тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ" ба роҳ монда, сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, тавонбахшии ҷисмонӣ, тиббӣ, фарҳангӣ- фароғатӣ ва роҳбаладии иҷтимоиро, ки ба пиронсолону маъюбони яккаву танҳо, оилаҳои дар шароити душвори зиндагӣ қарордошта ва кӯдакони имконияташон маҳдуд расонида мешаванд, ба низоми муайян даровarda истодааст. Аз ин ҷост, ки ҷиҳати иҷроиши қарори болозикр бо фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмоиши таснифот дар муассисаҳои иҷтимоӣ ба таври таҷрибавӣ ҷараён дорад.

Яке аз шаклҳои пазируфташуда дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ пешниҳод намудани хизмат бевосита дар хона, дар муҳити одаткардаи эҳтиёҷманд мебошад. Мақсад аз пешниҳоди ин шакли хизматрасонӣ ба пиронсолон ва маъюбоне, ки ба худ пурра ё қисман хизмат расонида наметавонанд, муҳайё намудани шароити зиндагии хубу гуворо, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва бо роҳи омӯзиш ба даст овардани фаъолияти мустақилонаи мизоҷ мебошад. Ҷиҳати пешниҳоди ин навъи хизматрасонӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ҳоло 38 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд, ки ба 4771 нафар ниёзмандон ва оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта хизматҳои иҷтимоӣ- маишӣ, равонӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ мерасонанд. Фаъолияти ин шуъбаҳо мунтазам таҳти назорати мутахассисон қарор дошта, пайваста санҷида баромада мешаванд. Барои беҳтар шудани сатҳу сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба кормандони иҷтимоӣ тавсияҳо дода мешаванд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти шӯъбаҳои болозикр зина ба зина беҳтар шуда, муносибати кормандони иҷтимоӣ нисбати адои вазифаашон таври мусбӣ дигар шуда истодааст.

Таи давраи ҳисоботӣ аз ҷониби мутахассисони Агентӣ фаъолияти ҳамаи шуъбаҳои хизматрасонии вилояти Хатлон мавриди санҷиш қарор дода шуд, ки фаъолияти баъзе аз ин сохторҳо нисбат ба солҳои пешин беҳтар шудааст.

Аз ҷумла, шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи ноҳияи Шаҳритуз фаъолияташро мувофиқ ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба роҳ монда, сатҳу сифати хизматрасониҳоро хеле беҳтар гардонидааст. Ба ҳар корманди иҷтимоӣ истифодабарандагони хизмат тибқи меъёри муқарраргардида вобаст шуда, рӯзномаҳои корӣ кушода шудаанд.

Мутаассифона, бо вуҷуди он ки ба сардори шӯъба дар ноҳияи Қубодиён соли гузашта оиди беҳтар ба роҳ мондани хизматрасониҳои иҷтимоӣ тавсияҳо дода шуда бошад ҳам, кор мисли пештара ҷараён дорад. Онҳо аз камбудиҳои ҷойдошта, аз қабили набудани парвандаи истифодабарандагони хизмат, парвандаҳои кормандон бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ, асосан дар вазифаи

корманди иҷтимоӣ фаъолият намудани мардҳо, ки корҳои шустушӯӣ ва тамизиро иҷро карда наметавонанд, ҳанӯз хулосаи даркорӣ набаровардаанд.

Кор дар шуъбаҳои хизматрасонии ноҳияҳои Шӯрообод, Муъминобод, Темурмалик, Ҷиликул ва Ҷ. Румӣ буда беҳбудӣ мехоҳад. Дар нуҳ моҳи сипаришуда ҷиҳати баланд бардоштани тахассуси кормандони иҷтимоӣ чораҳои мушаххас амалӣ карда шуданд. Масалан, 4 нафар кормандони иҷтимоии шӯъбаи дар ноҳияи Ҷ. Румӣ фаъолият дошта, ҷиҳати баланд бардоштани тахассус ва кор бо кӯдакони имконияташон маҳдуд ба Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони "Чорбоғ" сафарбар карда шуданд. Дар нақша ҳаст, ки таҷрибаомӯзии кормандони иҷтимоӣ минбаъд низ дар ин муассиса давом дода шавад. Инчунин, аз тарафи курсҳои такмили ихтисос 14 нафар кормандони шабакаҳои хизматрасонӣ донишу малакаҳои касбии худро баланд бардоштанд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки шуъбаҳо на танҳо ба пиронсолону маъюбон, инчунин ба кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ниёз ба офиятбахшии иҷтимоиву ҷисмонӣ доранд, низ дар хонаҳояшон хизматҳои тавонбахшӣ расонанд. Бар замми ин бо кӯмаки ташкилоти байналхалқии "Каритас"-и Олмон ба кормандони иҷтимоии шуъбаи хизматрасонӣ дар хонаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат тарзу усулҳои тавонбахшии маъюбон дар сатҳи маҳал омӯзонида шуд, ки натиҷаи дилхоҳ дода истодааст.

Ҷиҳати расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, одамони ғайри қобили меҳнат, кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта дар шаҳру ноҳияҳо 16 адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона амал менамоянд, ки ҷамъ 429 нафар кормандони маъмурию иҷтимоии ин муассисаҳо давоми нӯҳ моҳ ба 2296 нафар муштариён хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ, миёнаравӣ-намояндагӣ расониданд. Даҳ адади ин марказҳо аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва шаш адади он аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Аз ҷумла, ҷиҳати тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба роҳбаладӣ ва тавонбахшии иҷтимоию тиббӣ ниёз доранд, таҳти сарпарастии Агентӣ шаш адад марказҳои будубоши рӯзона фаъолият менамоянд, ки дар ин муддат ба 781 нафар кӯдакони эҳтиёҷманд чорабиниҳои офиятбахшии иҷтимоӣ, солимгардонии ҷисмонӣ, равонӣ, рушди зеҳнӣ ва ҳампайвандӣ бо ҷомеъа гузаронида, онҳоро се маротиба дар як рӯз бо ғизои гарми мувозишуда таъмин менамоянд. Бояд қайд намуд, ки соли равон, тибқи тендери хариди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маркази «Манбаи меҳр» дар шаҳри Хуҷанд, ки самти фаъолияташ ба дахолати тавонбахшии барвақтии кӯдакони имконияташон маҳдуди то се сола ва офиятбахшии кӯдакони сини миёна равона шудааст, аз ҷониби Агентӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳар як кӯдак новобаста аз маҳдудият ва вайроншавии фаъолияти ҷисмонияш имконияти инкишоф додани ҷисму рӯҳ ва малакаҳои гуногуни фаъолияти ҳаётиро дорад. Аз ин рӯ, кӯдакон дар марказҳо дар шароити муносиб ва бехатари будубош қарор дошта, ба пешрафти ҷисмониву малакаҳои мавзуни ҳаракат, зеҳниву рафтор, муошират ноил мегарданд. Дар онҳо ҳиссиёти худшиносӣ ва худэҳтиромӣ, ҳампайвандӣ

бо ҷомеъа ба вуҷуд меояд. Кӯдакон дар доираи имконияташон ба худ хизмат расонида, ба зиндагӣ дар ҷомеъа омода мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки дар Маркази «Парасту»-и шаҳри Кӯлоб ва Маркази «Ситора»-и ноҳия Восеъ ба наврасони имконияташон маҳдуд касбҳои дӯзандагӣ, кӯҳнадӯзӣ ва кор бо компютер таълим дода мешаванд.

Таҳлили фаъолияти ин марказҳо дар солҳои қаблӣ нишон медиҳад, ки тарзу усули корбарӣ дар ин марказҳо натиҷабахш буда, аксарияти кӯдакон ба пешрафти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ ноил мегарданд. Аз ин ҷост, ки қисме аз кӯдакон баъди тавонбахшӣ ба боғчаҳои умумӣ ва мактабҳои таълимоти ҳамагонӣ гусел карда мешаванд.

Санҷиш - мониторинги аз тарафи гурӯҳи кории таъсис додашуда гузаронида шуда нишон дод, ки бо вуҷуди он ки ин марказҳо фаъолияти пурсамар дошта бошанд ҳам, ҳанӯз ҳам дар ҳуҷҷатгузорӣ (махсусан, таҳияи ҳуҷҷатҳо ба забони давлатӣ), омода намудани ғизо тибқи меъёри муқарраргардида, чорабиниҳо оид ба ҳамгироии кӯдакони имконияташон маҳдуд камбудиҳои ҷузъӣ мушоҳида мегарданд. Ба марказҳо асосан кӯдаконе ҷалб карда мешаванд, ки натиҷаҳои интизории хуб доранд.

Маврид ба ёдоварист, бо вуҷуди он, ки дар марказҳо мутахассисони таҷрибанок фаъолият дошта бошанд ҳам, шумораашон кофӣ нест. Махсусан, мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои логопед ва сурдолог на дар ҳама марказҳо мерасанд. Ивазшавии мутахассисон низ мушоҳида мегардад. Сабаби асосии аз кор рафтани мутахассисон кам будани музди моҳона мебошад.

Қисме аз фаршҳои биноҳои марказҳо, бахусус Маркази «Офтобак»-и ноҳияи Ҳисор ва «Ситора»-и ноҳияи Восеъ, ки ба таъмир ниёз доштанд, таъмир шуданд.

Дар Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ барои пиронсолон ва маъюбон пешбинишуда ба эҳтиёҷмандоне хизмат расонида мешавад, ки ба дастгирии иҷтимоӣ ниёз дошта, ба худ хизмат расонида наметавонанд. Онҳое, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, муваққатан дар ин марказҳо ба мӯҳлати аз 3 то 6 моҳ бо ҷои зист ва се вақт хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Ҳоло дар Марказҳои минтақавӣ барои пиронсолон ва маъюбон 101 нафар эҳтиёҷмандон муваққатан умр ба сар мебаранд. Ба онҳо хизматҳои беҳдоштӣ ва тамизӣ низ расонида мешавад. Дар назди қисме аз ин марказҳо шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал карда истодааст, ки ба 1194 нафар эҳтиёҷмандон бевосита дар хонаҳояшон хизмати иҷтимоӣ мерасонанд.

Мақсад аз пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон аз он иборат аст, ки онхо ҳаёти осуда ба сар бурда, бо усули роҳбаладии иҷтимоӣ ва агар зарур шавад бо тавонбахшии тиббиву иҷтимоӣ ба ҳаёт дар ҷомеъа мутобиқ шаванд. Ҳодисаҳое низ мушоҳида мегарданд, ки баъзе эҳтиёҷмандон муддатҳои тӯлонӣ дар ин марказҳо зиндагӣ доранд, ки хилофи қоидаҳои муқарраргардида мебошад. Ин ҳолат махсусан дар маркази минтақавии хизматрасонии иҷтимоии шаҳри Хуҷанд мушоҳида мегардад.

Дар қатори корҳои дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ анҷом додашуда Агентӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбон, табақаҳои камбизоати аҳолӣ, оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Барои аз нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба таври ройгон истифода намудан аз номи шаҳрвандон 227 дархост ворид гардид. Тибқи меъёрҳои муқарраргардида ба 177 нафар, ки чунин имтиёзро доштанд, мактубҳо омода шуда, ба муассисаҳои дахлдор, аз қабили Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан» - и Тоҷикистон 43 ва ба Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр» 134 мактуб ирсол карда шуд. Ҷиҳати таъмин намудани иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони Армияи Шӯравӣ, ҷанговарони башардӯст, иштирокчиёни барҳам додани оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқӣ - атомии Чернобил, пиронсолону маъюбон ва бошандагони хона - интернатҳои зертобеъи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо дасту пойҳои сӯнъӣ, ортезҳо, пойафзолҳои махсуси ортопедӣ, камарбанд, ғуддаи сина, асо, асобағал, аробачаи маъюбӣ муассисаи зертобеъи Агентӣ корхонаи воҳиди давлатии «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд фаъолият менамояд. Давоми нуҳ моҳи сипаригашта аз тарафи корхонаи болозикр шахсони эҳтиёҷманд бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, аробачаҳои маъюбӣ, асо ва асобағал таъмин карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки дар Корхонаи воҳиди давлатии “Заводҳои протезию ортопедӣ” ҳамагӣ 86 нафар коргар кор мекунад, ки аксарияти онҳоро маъюбон ташкил менамоянд. Ин имконият медиҳад, ки ҳам онҳо ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб шаванд, ҳам бо меҳнаташон ба маъюбони дигар кӯмакҳои гуногуни иҷтимоӣ расонанд.

Барои таъмин намудани маъюбон бо воситаҳои техникии ҳаракат давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ дархости 960 нафар шахсони имконияташон маҳдуди ба аробачаи маъюбонӣ эҳтиёҷ дошта, ки дар ин бора маълумотномаи ХДТТИ доштанд, ба қайд гирифта шуд. Ҷадвали тақсимоти аробачаҳои маъюбӣ дар ҷумҳурӣ барои соли 2013 таҳия ва аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, барои иҷро ба «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» пешниҳод карда шуд. Дар асоси Дастуруламал оид ба тартиб ва тақсимоти воситаҳои техникӣ- ҳаракаткунӣ дар 9 моҳи соли 2013-ум ба маъюбони ҷумҳурӣ 620 адад аробачаи маъюбӣ, 3525 адад асо, 1128 ҷуфт асобағал, 545 асо барои нобиноён ва 106 курсиҳои роҳгардӣ (ходунок) тақсим карда шуд.

Бояд зикр намуд, ки нақшаи истеҳсолии корхона дар якҷоягӣ бо филиалҳояш дар 9 моҳи соли 2013-ум 112 фоиз иҷро гашта, ба маблағи 1668177 сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шуд.

**Нишондодҳои истеҳсолӣ дар 9 моҳи соли 2013 тариқи зайл мебошад:**

| № | Номгӯи нишондодҳо | Воҳиди ченак | 2013 (9 моҳа) | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | **нақша** | **дар асл** | **%** |
| 1 | **Хаҷмиистеҳсоли маҳсулот** | **сомонӣ** | **1491354-00** | **1668177-00** | **112** |
| 2 | **Истеҳсоли пойафзол** | **ҷуфт** | **3375** | **3776** | **112** |
| | **Аз ҷумла:** | | | | |
| | **- пойафзоли ортопедӣ** | **ҷуфт** | **2025** | **2398** | **118** |
| | **-пойафзол барои протез** | **ҷуфт** | **1350** | **1378** | **102** |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | **-камарбанди чармӣ** | **адад** | **27** | **30** | **111** |
| **3** | **Истеҳсоли протезҳо** | **адад** | **441** | **592** | **134** |
| | **Аз ҷумла:** | | | | |
| | **-протези пой** | **адад** | **162** | **188** | **116** |
| | **- протези даст** | **адад** | **18** | **22** | **122** |
| | **- ортез** | **адад** | **252** | **359** | **142** |
| | **-фиксаппарат** | **адад** | **9** | **6** | **67** |
| **4** | **Таъмири протез ва ортез** | **адад** | **378** | **552** | **146** |
| **5** | **Истеҳсоли асобағал** | **адад** | **450** | **608** | **134** |

Маҳсулоти тайёри корхона то охири ҳар моҳ ба воситаи варақаи нишондиҳандаи маъюб ба эҳтиёҷмандон дода мешаванд. Маъюбоне, ки дар маҳалҳои дур зиндагӣ мекунанд, дархосташонро тавассути шӯъбаҳои алоқа мегиранд.

Умуман, дар нуҳ моҳ корхона ба 3926 нафар эҳтиёҷмандон хизмат расонидааст, аз ҷумла:

**- ба маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ - 89 нафар;**
**- ба маъюбони айёми кӯдакӣ - 1687 нафар;**
**- ба маъюбони касалиҳои умумӣ - 3528 нафар;**
**- ба маъюбони Армияи Шӯравӣ - 42 нафар;**
**- ба нобиноён - 99 нафар;**
**- ба маъюбони меҳнат - 8 нафар;**

Маҳсулоти корхона давоми нуҳмоҳа тариқи зайл тақсим шуд:
- ба вилояти Хатлон -200 адад аробачаи маъюбӣ,280 ҷуфт асобағал, 8 адад курсии роҳгардӣ,683 адад асои чӯбин ва 187 адад асо барои нобиноён;
- ба вилояти Суғд-80 адад аробачаи маъюбӣ,150 ҷуфт асобағал, 45 адад курсии роҳгардӣ, 300 адад асои чӯбин ва 150 адад асо барои нобиноён;
-ба ВМКБ-117 адад аробачаи маъюбӣ,150 ҷуфт асобағал, 15 адад курсии роҳгардӣ, 300 адад асои чӯбин ва 150 адад асо барои нобиноён;
-ба НТҶ -90 адад аробачаи маъюбӣ, 352 ҷуфт асобағал, 1565 адад асои чӯбин, 7 адад курсии роҳгардӣ ва12 адад асо барои нобиноён;
- ба шаҳри Душанбе- 55 адад аробачаи маъюбӣ, 50 ҷуфт асобағал, 300 адад асои чӯбин ва 20 адад курсии роҳгардӣ;
-ба хона-интернатҳо-30 адад аробачаи маъюбӣ;
- ба тариқи муроҷиати фардӣ- 48 адад аробачаи маъюбӣ, 11 адад курсиҳои роҳгардӣ (ходунок), 146 ҷуфт асобағал, 377 адад асои чӯбин ва 46 адад асо.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи хизматрасонӣ бо тариқи ройгон сурат мегирад. Маъюбон бо ҷои хоб ва се вақт хӯроки гарм низ таъмин мешаванд. Инчунин, роҳкирои омаду рафти маъюбон аз тамоми қаламрави ҷумҳурӣ пардохт карда мешавад.

**3. Таъмини кӯмакҳои иҷтимоӣ.** Агентӣ ҷиҳати иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2012, №661 «Дар бораи идомаи татбиқи механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва

шаҳрвандони камбизоат» таи давраи ҳисоботӣ чунин корҳоро ба анҷом расонид.

Мувофиқи банди 2-и “Тартиби таъин ва пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат” қабули аризаҳои шаҳрвандон аз ҷониби ҷамоату маҳаллаҳо идома дошта, ба ҳолати 30 сентябри соли 2013 Раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Норак, Истаравшан ва ноҳияҳои Ёвон, Фархор, Ҳисор, Файзобод, Шуғнон, Айнӣ 46568 аризаҳои шаҳрвандонро қабул намуданд. Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Хуҷанд – 7128, Истаравшан – 6508, Қӯрғонтеппа – 5550, Норак – 1829, ноҳияҳои Ёвон – 6734, Фархор – 5547, Шуғнон – 2470, Айнӣ – 4030, Ҳисор – 4162, Файзобод – 2610. Дар маҷмӯъ ба махзани ягонаи маълумоти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ 42540 ариза ворид карда шудааст.

| № | Номгӯи мақомот | Ариза | Аризаҳои воридшуда |
|---|---|---|---|
| 1. | Раёсати Агентӣ дар шаҳри Хуҷанд | 7128 | 6538 |
| 2. | Раёсати Агентӣ дар шаҳри Истаравшан | 6508 | 5254 |
| 3. | Раёсати Агентӣ дар ноҳияи Ёвон | 6734 | 5958 |
| 4. | Раёсати Агентӣ дар ноҳияи Ҳисор | 4162 | 3742 |
| 5. | Шуъбаи Агентӣ дар шаҳри Қӯрғонтеппа | 5550 | 5534 |
| 6. | Шуъбаи Агентӣ дар ноҳияи Фархор | 5547 | 5551 |
| 7. | Шуъбаи Агентӣ дар шаҳри Норак | 1829 | 1516 |
| 8. | Шуъбаи Агентӣ дар ноҳияи Шуғнон | 2470 | 2154 |
| 9. | Шуъбаи Агентӣ дар ноҳияи Айнӣ | 4030 | 3861 |
| 10. | Шуъбаи Агентӣ дар ноҳияи Файзобод | 2610 | 2432 |
| | Ҳамагӣ : | 46568 | 42540 |

Барои маблағгузорӣ ва пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат ҷиҳати интиқол додани маблағҳо дар шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ (шаҳрҳои Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Норак ва ноҳияҳои Фархор, Ҳисор, Файзобод, Шуғнон, Айнӣ) суратҳисоб кушода шуда, мутобиқи ҷадвали пардохтҳо кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат маблағгузорӣ шуда истодааст.

Ба ҳолати 30 сентябри 2013 дар 10 шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ тавассути барномаи электронӣ маълумотҳо коркард шуда, ба 37329 нафар мувофиқи Методикаи амалкунандаи муайян намудани оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат кӯмаки унвонии иҷтимоӣ таъин гардид. Аз ин шумора ба 34101 нафар кӯмаки унвонии иҷтимоӣ бо маблағи 5 958 300 сомонӣ пардохт шуда, ин шаҳрвандон аз кӯмакпулӣ бархӯрдор шуда истодаанд. Аз ҷумлаи шумораи гирандагони кӯмак дар шаҳрҳои Истаравшан 4727 нафар, Қӯрғонтеппа 5103 нафар, Хуҷанд 4749 нафар, Норак 1114 нафар ва ноҳияҳои Айнӣ 2639 нафар,Ёвон 4850 нафар, Фархор 4600 нафар, Ҳисор 2652 нафар, Шуғнон 1731 нафар ва ноҳияи Файзобод 1936 нафар мебошанд.

Дар ҳамин раванд аз ҷумлаи гирандагони кӯмаки унвонии иҷтимоӣ аз шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон, ки ба онҳо дар соли 2012 кӯмакпулӣ таъин гардида буд, 3580 нафар (582900 сомонӣ) дар ноҳияи Ёвон ва 3428 нафар (637600 сомонӣ) дар шаҳри Истаравшан аз кӯмакпулӣ бархурдор

гаштанд. Дар маҷмӯъ аз аввали соли ҷорӣ дар доираи маблағҳои ба ин мақсад пешбинишудаи буҷети давлатӣ ба 41109 нафар кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба маблағи 7 178 600 сомонӣ пардохт карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки аз 1–уми январи соли 2013 бо назардошти зиёд шудани шаҳру ноҳияҳои пилотӣ аз 2 ба 10 дар бахши кӯмаки унвонии иҷтимоӣ иҷрои корҳо зиёд ва масъулият дучанд гардид. Бинобар ин, ҷиҳатидар амал и татбиқ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2012, №661 «Дар бораи идомаи татбиқи механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» бо мусоидати вазорат ва Лоиҳаи кӯмаки фаврӣ ба соҳаи иҷтимоӣ барои дастгирии раёсату шуъбаҳои Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ дар назди Агентӣ гурӯҳи мусоидати техникӣ таъсис дода шуд. Айни ҳол, дар ин гурӯҳ чор нафар; 1 нафар мушовири калон оид ба технологияи иттилоотӣ, 2 нафар мушовир оид ба мусоидати техникӣ ва 1 нафар мушовир оид ба маълумоткунонии системаи кӯмаки унвонии иҷтимоӣ фаъолият доранд.

Бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои тарғиботию ташвиқотӣ вобаста ба механизми нави кӯмаки унвонии иҷтимоӣ дар 10 шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ гурӯҳҳои кории Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам сафарҳои хизматӣ доштанд. Аз ҷумлаи кормандони бахши кӯмакҳои иҷтимоӣ ва мушовирони гурӯҳи мусоидати техникӣ дар назди Агентӣ ба гурӯҳи корӣ шомил буда, ба шаҳри Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Фархору Шуғнон сафари хизматӣ намуданд.

Инчунин, дар моҳҳои апрел-майи соли ҷорӣ бо мақсади мониторинг ва арзёбии вазъи таъин ва пардохти кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандоникамбизоат, самаранокии индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат гурӯҳҳои корӣ ба ноҳияи Шуғнони ВМКБ, ноҳияи Файзобод, шаҳрҳои Истаравшану Хуҷанд ва ноҳияи Айнии вилояти Суғд сафар намуда, як қатор таклифу пешниҳодҳо манзур намуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар натиҷаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба индикаторҳои муайянкунандаи вазъи некуаҳволии оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат ба формулаи арзёбии ғайримустақими эҳтиёҷмандӣ ва бо назардошти пешбини шудани афзалиятҳо барои шахсони яккаву танҳои пиронсол, ки дар шароити душвори зиндагӣ қарор доранд, бартарии оилаҳое, ки дар ҳайати худ ду ва ё зиёда маъюб доранд, инчунин ба падар ва ё модари танҳои маъюб, ки кӯдаки маъюбро тарбия мекунанд шумораи нафарони кӯмакпулӣ таъингардида зиёд шуда, дар моҳи августи соли 2013 ба 12 187 нафар кӯмаки унвонии иҷтимоӣ пардохт карда шуд. Аз ҷумлаи гирандагони кӯмак аз ин шумора дар шаҳрҳои Истаравшан 1536 нафар, Қӯрғонтеппа 2161 нафар, Хуҷанд 2041 нафар, Норак 412 нафар ва ноҳияҳои Айнӣ 891 нафар, Ёвон 1334 нафар, Фархор 1331 нафар, Ҳисор 1178 нафар, Шуғнон 678 нафар ва Файзобод 625 нафар мебошанд.

Новобаста аз корҳои анҷомдодашуда дар ҷараёни амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2012, №661 «Дар бораи идомаи татбиқи механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» дар 10 шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ то ҳол як қатор норасогиҳо ва камбудиҳо ҷой доранд. Айни замон, дар 10 шаҳру ноҳияи таҷрибавӣ иҷрои корҳои ҳуҷҷатгузории механизми таҷрибавии

кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ва амалӣ намудани вазифаҳо хароҷотҳои иловагии маъмуриро талаб менамояд. Мутаассифона, маблағе, ки барои сохторҳои Агентӣ дар маҳал барои хароҷот ҷудо шудааст, барои харидории картридж (ранг барои принтер), қоғаз барои чоп кардани руйхати ном ба номи гирандагони кӯмак, сафари хизматии кормандони масъул кифоят намекунад.

**Самти таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо**

Муассисаи давлатии «Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №628 таъсис ёфта, оинномаи он бо қарори Шӯрои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 23 ноябри соли 2013, №8 тасдиқ гардидааст, 28 ноябри соли 2012 дар бахши Раёсати ташкили бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии ноҳияи Варзоб ба сабти ном гардид ва кормандони масъулро дар асоси озмун ба кор қабул карда, ба фаъолияти густурда шурӯъ намуд.

Саравал нақшаи сохтори муассиса ва Дастурамалҳои мансабии ҳамаи кормандони Муассиса таҳия ва тасдиқ гардидаанд;

- сомонаи муассиса омода гардида, дар сервер гузошта шуд, ки он ҳоло дар дастрасии тамоми истифодабарандагони интернет қарор дорад;
- нақшаи таълими курси такмили ихтисоси коромандони иҷтимоӣ дар ду самт «Кори иҷтимоӣ» ва «Хизматрасонии иҷтимоӣ» таҳия гардида, бо Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуд;
- аз Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ таҳти рақами №1713 аз 28.05.2013 гирифта шуд.

Дар ин замина фаъолияти таълимии муассиса оид ба баланд бардоштани сатҳи салоҳияти кормандони иҷтимоӣ ба таври самаранок сурат гирифт. Дар ин давра кормандони иҷтимоии муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои «Батош» ва «Чорбоғ» (ҳамагӣ 37 нафар) дар самти кейс-менеҷмент бо таълим фаро гирифта шудаанд.

Омӯзиши кормандони шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи шаҳрҳои Душанбе, Истаравшан, Исфара, Панҷакент, Ваҳдат, Кӯлоб ва ноҳияҳои Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Шуғнон, Қубодиён, Панҷ бо дастгирии ЮНИСЕФ дар ду давра сурат гирифт.

Курси омузишӣ оид ба тандармонӣ дар Маркази ҷумҳуриявии барқароркунии саломатии кӯдакон дар шаҳри Ваҳдат гузаронида шуд, ки ташкилкунандаи он Ассосиатсияи кӯмак ва дастгирии Ҷопон мебошад.

Семинари омӯзиши ТЧ «Кӯдакон бо синдроми Даун» дар мавзуи «Таҳсили фарогир» баргузор гардид.

Бо якчанд муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ робита барқарор шуд, аз он ҷумла бо кафедраи кори иҷтимоии факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи меҳнат ва кори иҷтимоии Ҷумҳурии Украина, ташкилотҳои хориҷии GIZ, ЮНИСЕФ, «Каритас»-и Олмон.

Барои гузаронидани тренингҳои дурӯза барои кормандони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба масъалаҳои ташкили кори иҷтимоӣ дар сатҳи маҳал ба ташкилоти ЮНИСЕФ лоиҳа пешниҳод гардидааст.

[амкорӣ бо ташкилоти байналмиллалии «Каритас»-и Олмон дар ду самт: а) офиятбахшӣ дар сатҳи ҷомеа ва б) кори иҷтимоӣ ба роҳ монда шудааст, ки

дар омӯзиши тренинг барои тренерон 7 нафар корманди Марказ иштирок намуда, дорои сертификати ин ташкилот гардиданд. Барои гузаронидани тренинг дар шаҳри Ваҳдат ва ноҳияҳои Ғончию Конибодом омӯзгорони Марказ даъват карда шуда, барои амалӣ гардонидани лоиҳаи «Барномаи офиятбахшӣ дар сатҳи ҷомеа» чанди семинарҳои омӯзиширо гузарониданд.

## II. Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ

Дар давраи ҳисоботӣ Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо мақсади танзими масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои барномавию стратегии Тоҷикистон: Стратегияи рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020; Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015; Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ба ҳайси афзалиятҳои аввалиндараҷа арзёбӣ шудаанд, ба фаъолият таҳким бахшида, ҷиҳати мукаммалгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа, баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳо дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба натиҷаҳои муайян ноил гардид.

Аз ҷумла, ҷиҳати таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии соҳа ва муайянсозии дурнамои сиёсати давлатии шуғл дар ду соли минбаъда аз ҷониби Агентӣ лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» ва «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015» таҳия гардиданд.

Дар натиҷа қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №106 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» ба тасвиб расид ва лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015» феълан мавриди мувофиқа ба вазорату идораҳои ҷумҳурӣ қарор дорад.

Илова ба ин дар давраи баррасишаванда дар заминаи сафарҳои кории Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ва минтақаи Рашт Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои зикршуда ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои супоришҳои Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2013 ба имзо расиданд ва мавриди амал қарор доранд.

Нақшаҳои мазкур барои таҳкими фаъолият дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва бевосита мусоидат ба шуғл, рушди касбии шаҳрвандон, таъмини кафолатҳои давлатии иҷтимоии аҳолӣ нақши хеле муҳим доранд.

**Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 93375 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд, ки 56040 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 39957 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 30476 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 2229 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 2498 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 4282 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 15840 нафар аз**

**ҳисоби маблағҳои буҷети барнома дар марказҳои таълими касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 6669 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 моҳ кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 174304 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 516 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 4463 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба 3788 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 1065 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 9316 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд (маълумот замима мегардад).**

**Ҳамин тавр, дар заминаи тадбирҳои амалишуда муяссар гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ иҷрои чорабиниҳои барнома дар маҷмӯъ ба андозаи 93,6 фоиз таъмин карда шаванд.**

**Вазъи феълии шуғлнокӣ.** Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ, дар моҳи июли соли 2013-ум 2255,9 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ҷумлаи онҳо 2199,1 ҳазор нафар (97,5 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 56,8 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ доранд, ки 2,5 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад. Шумораи аҳолии машғули кор бошад, аз 2118,9 ҳазор нафар дар моҳи декабри соли 2012 то 2199,1 ҳазор нафар дар моҳи июли соли 2013 афзудааст, ки афзоиш 80,2 ҳазор нафар, ё ба 3,8 фоиз рост меояд. Тамоюли тағйирёбии шумораи аҳолии машғули кор дар нуҳ моҳи солҳои 2009-2013 дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Диаграммаи 1.




Таҳлили тамоюли тағйирёбии шумораи аҳолии машғули кор дар нуҳ моҳи солҳои 2009-2013 нишон медиҳад, ки дар ин давра теъдоди аҳолии машғули кор 145,3 ҳазор нафар, ё ба андозаи 7,1 фоиз афзудааст.

Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор шахсони дар рӯйхатбудаи кироякор дар корхонаҳои ҳама намуди моликият дар моҳи июли соли 2013-ум 1050,7 ҳазор нафар ё 47,8 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод. Шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар моҳи июли соли 2013 нисбат ба ҳамин давраи соли 2012-ум 1,0 фоиз зиёд шудааст.

Аз ҷониби дигар, шумораи дар рӯйхатбудаи кормандони кироя дар бахши воқеии иқтисод дар моҳи июли соли 2013 нисбат ба ҳамин давраи соли 2012-ум 1,5 фоиз кам шуда, 611,0 ҳазор нафарро ташкил дод.

Аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад, ин нишондиҳанда дар ҳамин давра 4,6 фоиз зиёд шуда, 439,7 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Тамоюли тағйирёбии шумораи кормандони кироя дар солҳои 2009-2013 дар диаграммаи 2 оварда шудааст.

Диаграммаи 2.




Тавре маълум аст, дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ ғайр аз кормандони расмӣ қувваи корӣ дар шароити дучоякорӣ ва дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта низ истифода бурда мешавад.

Дар моҳи июли соли 2013 дар ин шароит 32,1 ҳазор нафар шаҳрвандон машғули кор буданд, ки ин нишондиҳанда ба 3,1 фоизи шумораи ҷойҳои ишғолшудаи корӣ рост меояд.

Теъдоди кормандоне, ки дар шароити дучоякорӣ ва бо қарордод дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ кор мекунанд аз 32,4 ҳазор нафар дар моҳи декабри соли 2012 то 32,1 ҳазор нафар дар моҳи июли соли 2013 коҳиш ёфтааст.

Шумораи кормандони дар шароити дучоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта коркунанда дар бахши воқеии фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи июли соли 2013-ум 7562 нафар ва дар бахши хизматрасонӣ 24495 нафарро ташкил намуд.

Дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ охири моҳи июли соли 2013-ум 79,1 ҳазор нафар корҷӯён бо назардошти корҷӯёни соли 2012 мавҷуд буд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,2 фоиз зиёд ва нисбат ба моҳи июни соли 2013-ум 0,3 фоиз кам мебошад. Танҳо дар моҳи июли соли 2013 бошад, ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 5,2 ҳазор нафар корҷӯён барои пайдо кардани ҷойи кор муроҷиат намуданд, ки ин дар муқоиса

ба ҳамин давраи соли 2012-ум 26,2 фоиз зиёд буда, 2,8 ҳазор нафар бекорон ба кор таъмин карда шудаанд.

Ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ аз ҷониби ташкилоту муассиса ва корхонаҳо дар охири моҳи июли соли 2013-ум 12,9 ҳазор ҷойҳои кории холӣ пешниҳод шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2012-ум 6,0 фоиз зиёд мебошад. Аз рӯи касбҳои коргарӣ бошад ин нишондиҳанда 17,5 фоиз зиёд шуда, 6,6 ҳазор ҷойро ташкил намуд (51,2 фоизи шумораи умумии ҷойҳои кории холӣ). Шумораи ҷойҳои холии кори арзшуда нисбат ба моҳи июни соли 2013-ум 0,6 фоиз кам шудааст. Талабот ба ҳар як ҷойи кори холии пешниҳодшуда 6,1 нафарро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда дар ҳамин давраи соли 2012-ум 6,3 нафарро ташкил медод.

Дар охири моҳи июли соли 2013 шумораи бекорони расман ба қайд гирифташуда дар мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 56,8 ҳазор нафарро ташкил намуд. Аз ин теъдод 29,7 ҳазор нафарро занҳо (52,3%) ташкил намуданд.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.** Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 дар миқёси ҷумҳурӣ бояд 124994 ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд. Дар нуҳ моҳи соли 2013 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 174304 адад ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд, ки 139,4 фоизи нақшаи пешгӯии Барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ВМКБ - 10750 ҷой, вилояти Хатлон – 56687, Суғд – 49444, шаҳри Душанбе – 29233, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 28190 ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ дар соҳаи сохтмон - 31067, саноат - 9905, кишоварзӣ - 41884, нақлиёт ва алоқа - 3787, савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ - 62178, дигар соҳаҳо – 21378 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 4105 ҷойҳои корӣ таъсис ёфтаанд.

Таъсиси ҷойҳои кории нав дар ташкилоту корхонаҳо вобаста ба шакли моликият ва идоракунӣ чунин аст: дар корхонаю ташкилотҳои бахши давлатӣ - 15777 ҷойҳои кории нав (9 %), бахши коллективӣ - 17627 (10,1%), дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият - 27097 (15,5%) ва дар сектори хусусӣ - 113803 (65,3%) ҷойҳои кории нав таъсис дода шудаанд.

Таҳлили сохтори ташкилии таъсиси ҷойҳои нави кори аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари ҷойҳои корӣ (65,3%) дар бахши хусусӣ таъсис дода шудаанд.

Ҳамзамон қайд намудан зарур аст, ки масъалаи хеле муҳим дар ин росто муайянсозии хусусияти ҷойҳои кори таъсисшаванда мебошад.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд аз ҷойҳои кории дар давраи ҳисоботӣ таъсисдодашуда 75573 адад (43,5 фоиз) ҷойҳои кории доимӣ, 56253 (32,3 фоиз) ҷойҳои кории муваққатӣ ва 42478 (24,4 фоиз) ҷойҳои кории мавсимӣ мебошанд.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 93375 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд.

Аз шумораи муроҷиатнамудагон 56040 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шуда, ба 39957 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 30476 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 94,7 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил медиҳад.

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ 2229 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 90,7 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст.

Аз ҷумла, дар ВМКБ - 240 нафар, вилояти Суғд -506 нафар, вилояти Хатлон - 740 нафар, шаҳри Душанбе 278 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 465 нафар шаҳрвандони бекор тавассути квота ба кор таъмин гардиданд.

Таҳлили раванди бокортаъминшавӣ дар ҷойҳои кории бандшуда нишон медиҳад, ки дар чунин ҷойҳои корӣ 166 нафарро маъюбон, 370 шахсони аз Қувваҳои мусаллаҳ озодшуда, 110 шахсони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ ва муассисаҳои табобати маҷбурӣ ҷавобшуда, 271 нафарро волидони яккаву танҳо ва инчунин шахсоне, ки дар тарбияашон кӯдакони ноболиғ ва маъюб доранд, 619 нафар волидоне, ки бештар аз 5 кӯдаки ноболоғ доранд, 55 нафар шахсони то синни 18 сола, ки бо сабаби вафоти волидайнашон ё дигар ҳолатҳо сарпарастии оиларо ба ӯҳда доранд, 78 нафар шаҳрвандоне, ки барои аз рӯи синну сол ба нафақа баромаданашон ду сол боқӣ мондааст, 560 нафар шаҳрвандони то синни 18 сола ва ҷавононе, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор фиристонида шудаанд, ташкил медиҳанд.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби Агентӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи нақшаи болозикр аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 516 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, дар ВМКБ - 39 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд - 207, вилояти Хатлон - 190, шаҳри Душанбе - 14 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 66 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо 6525 корхонаю муассисаҳо иштирок намуда, ба корҷӯён 109033 ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 5730 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 4463 нафар (77,9 %) бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд.

Дар баробари ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 3788 нафар шаҳрвандон роҳхат барои касбомӯзӣ ва 1065 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ дар давраи баррасишаванда 9316 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Тавассути ярмаркаҳо 1436 нафар занон ва 1389 нафар ҷавонон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб гардиданд.

Ҷиҳати таквият бахшидан ба фаъолият дар самти ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод 15 марти соли ҷорӣ дар ноҳияи Ҳисор, 3 майи соли 2013 дар шаҳри Ваҳдат, 5 июни ҳамин сол дар ноҳия Рашт ва дар моҳи август бо Вазоратҳои маорифу энергетика ва саноат ярмаркаҳои дорои хусусияти минтақавӣ ва соҳавӣ гузаронида шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад. Дар охири моҳи сентябри соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 13292 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд.

Аз ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда 3424 ҷой ба соҳаи саноат (музди миёнаи меҳнат 534 сомонӣ), 1813 ба соҳаи сохтмон (музди миёнаи меҳнат 724 сомонӣ), 704 ба соҳаи кишоварзӣ (музди миёнаи меҳнат 311 сомонӣ), 314 ба соҳаи нақлиёт ва алоқа (музди миёнаи меҳнат 404 сомонӣ), 1534 ба соҳаҳои маориф ва фарҳанг (музди миёнаи меҳнат 361 сомонӣ), 3014 ба соҳаи тандурустӣ (музди миёнаи меҳнат 346 сомонӣ), 287 ба соҳаи савдо ва хизмати маишӣ (музди миёнаи меҳнат 294 сомонӣ), 658 ба соҳаи манзилию коммуналӣ (музди миёнаи меҳнат 347 сомонӣ) ва 1544 ҷой ба дигар соҳаҳо (музди миёнаи меҳнат 416 сомонӣ) рост меояд. Таҳлили таркибии ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 22,7 фоизи он ба соҳаи тандурустӣ, 11,5 фоиз ба соҳаҳои маорифу фарҳанг, 13,6 фоиз ба соҳаи сохтмон ва 25,8 фоиз ба соҳаи саноат тааллуқ доранд.

Бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот оид ба ҷойҳои кории холӣ дар сомонаи www.kor.tj 5852 адад ҷойҳои кории холӣ пешкаши корҷӯён гардид, ки аз ин теъдод 174 ҷойи кори холӣ ба ВМКБ, 1769 ба вилояти Хатлон, 2106 ба вилояти Суғд, 21 ба шаҳри Душанбе ва 1782 ҷойи кори холӣ ба ноҳияҳои тобеи марказ тааллуқ доранд.

Тавре мушоҳида мешавад аз ҷониби модераторон аз шаҳри Душанбе миқдори аз ҳама ками ҷойҳои кори холӣ ба сомона ворид карда шудааст, ки далели бемасъулиятии роҳбарияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе мебошад.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**.

Давоми нуҳ моҳи соли 2013 аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар самти дастгирии шаҳрвандони бекор тавассути таъин ва пардохти қарзҳои имтиёзнок ба 2615 нафар шаҳрвандон 8 213 864 ҳазор сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд ба андозаи 78,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағ пардохт гардид, ки ин 84,4 фоизро аз нақшаи Барнома ташкил медиҳад.

Аз ҷумла аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ ба 560 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 1 461 651 сомонӣ, вилояти Суғд ба 675 нафар 2 034 552 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 628 нафар 2 031 156 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 171 нафар 667234 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошанд ба 581 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 2 019 271 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ кӯмаки молиявӣ пардохт гардид. Динамикаи ин раванд тайи нуҳ моҳи солҳои 2009 - 2013 дар нақшаи графикии 1 ифода ёфтааст.

***Нақшаи графикии 1.***




Тавре аз нишондиҳандаҳои нақша бармеояд пардохти маблағи қарзҳои имтиёзнок тайи нуҳ моҳи солҳои 2009 - 2013 аз 1 828 462 сомонӣ то 8 213 864 сомонӣ зиёд шудааст, ки афзоиши он дар ин давра 4 325 970 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳамин радиф қайд намудан ҷоиз аст, ки шаҳрвандони бекор зимни бархурдор шудан аз қарзҳои имтиёзнок асосан ба фаъолияти тиҷоратӣ, хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва истеҳсолот машғул мешаванд.

Аз ҷумла, соли ҷорӣ тавассути мақомоти маҳалии Агентӣ барои пешбурди фаъолияти истеҳсолӣ ба 1287 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 4 041222 сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 886 нафар шахсони бекор ба андозаи 2784499 сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад ба 442 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 1 388 143 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт гардидааст.

Таҳлили раванди дастгирии молиявии шаҳрвандони бекор нишон медиҳад, ки 49,2 фоиз ба фаъолияти истеҳсолӣ, 33,9 фоиз ба фаъолияти тиҷоратӣ ва 16,9 фоизи дигар ба фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ машғул мебошанд, ки ин раванд дар нақшаи графикии 2 ифода ёфтааст:

***Нақшаи графикии 2.***




Давоми нуҳ моҳи соли равон ба дастгирии ташаббуси соҳибкории занон ва ҷавонон аҳамият дода шуда, ба 1140 нафар занон дар ҳаҷми 3 581 244 сомонӣ ва ба 907 нафар ҷавонон ба андозаи 2 850210 сомонӣ кӯмаки молиявӣ пардохт гардид.

Бояд қайд намуд, ки самаранокии истифодаи қарзҳои имтиёзнок пеш аз ҳама ба саривақт бозгардонидани онҳо қаробат дорад, зеро аз ҳисоби маблағҳои бозгаштшуда ба дигар бекорон низ қарзҳои имтиёзнок таъин ва пардохт мешавад.

Ин масъала барои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ муҳим буда, ҳамеша мадди назар қарор дорад.

Дар ҳамин раванд, давоми нуҳ моҳи соли 2013 аз ҷониби шаҳрвандон 8 216 711 сомонӣ аз қарзҳои имтиёзноки додашуда, баргардонида шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2012-ум (6744597) 1 472114 сомонӣ зиёд мебошад. Динамикаи бозгашти қарзҳои имтиёзнок тайи нуҳ моҳи солҳои 2008-2013 дар нақшаи графикии 3 оварда шудааст.

***Нақшаи графикии 3.***




Дар ин давом, тавассути раёсат ва шуъбаҳои Агентӣ дар ВМКБ 1419536 сомонӣ, дар вилояти Суғд 2040633 сомонӣ, вилояти Хатлон 2061123 сомонӣ, шаҳри Душанбе 682471 сомонӣ ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад, 2012 949 сомонӣ кӯмакҳои молиявӣ баргадонида шуданд.

Айни замон ҳаҷми кӯмакҳои молиявие, ки саривақт баргардонида нашудаанд дар миқёси ҷумҳурӣ **299278** сомонӣ ё худ 2,1 фоизи ҳаҷми умумии сандуқи қарзиро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, ба ҳолати 26 сентябри соли ҷорӣ андозаи қарзҳои имтиёзноки саривақт баргардониданашуда дар ВМКБ 102730 сомонӣ ва пушаймонаи ҳисобишуда 22454 сомонӣ, дар вилояти Суғд 11200 сомонӣ, пушаймона 690 сомонӣ, дар вилояти Хатлон 107483 сомонӣ, пушаймона 91383 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе 46745 сомонӣ, пушаймона 40193 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад, ҳаҷми қарзҳои саривақт бозгаштнашуда 31120 сомониро ташкил медиҳад, ки ба ин 4378 сомонӣ пушаймона таъин гардидааст.

Таҳлили ҳолати қарздорӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ муайян намуд, ки қарзҳои имтиёзноки саривақт баргардониданашуда дар шаҳрҳои Хоруғ 22289 сомонӣ, Хуҷанд 8750 сомонӣ, Кӯлоб 6000 сомонӣ, Турсунзода 2760 сомонӣ, дар ноҳияҳои Сино 9800 сомонӣ, Фирдавсӣ 16800 сомонӣ, Шоҳмансур 20145 сомонӣ, Шӯрообод 7500 сомонӣ, Ҷиликул 14250 сомонӣ, Панҷ 9466 сомонӣ, Шаҳритус 20266 сомонӣ, Данғара 20707 сомонӣ, Н.Хусрав

27694 сомонӣ, Дарвоз 69092 сомонӣ, Рошткалъа 11349 сомонӣ ва дар ноҳияи Файзобод бошад 20 360 сомониро ташкил медиҳанд.

Бар замми ин, қайд кардан зарур аст, ки давоми солҳои 2000-2002-ум аз ҷониби собиқ Хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба корхонаҳо, ҳоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ба маблағи 26808 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт шуда буд ва зиёда аз 12 сол аст, ки ин маблағҳо баргардонида нашудаанд.

Инчунин, тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар шаҳри Душанбе низ ба 42 нафар иштирокчиёни садамаи Чернобил дар ҳаҷми 112000 сомонӣ, аз ҷумла аз ҷониби раёсати Агентӣ дар ноҳия Фирдавсӣ ба 23 нафар ба андозаи 66000 сомонӣ ва тавассути раёсати Агентӣ дар ноҳияи Шоҳмансур ба 6 нафар дар ҳаҷми 16200 сомонӣ қарзҳои имтиёзнок пардохт шудаанд, ки то ҳол баргардонида нашудаанд. Барои ислоҳи ин вазъ унвонии мақомоти прократура ва суди ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Шоҳмансур 2 сол пеш маводҳо пешниҳод карда шуданд, вале ин масъала то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст.

Бо мақсади баргардонидани қарзҳои додашуда аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ фаъолияти 32 сохтори зертобеъ санҷида шуда, нисбати 119 нафар шаҳрвандоне, ки аз баргардонидани қарзҳои гирифтаашон саркашӣ доранд, унвонии мақомоти прократура ва судҳои шаҳру ноҳияҳо мавод пешниҳод шуд. Дар натиҷа 62800 сомонӣ ба суратҳисоби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар маҳалҳо ворид гашта, нисбати баргардонидани маблағҳои боқимонда кор идома дорад.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.**

Мусаллам аст, ки омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз омилҳои муассир дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ рушди бемайлони иқтисодии ҳар кишвар аз шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо иборат аст, ки ин дар навбати худ ба сатҳи малакаи касбии аҳолии шуғлнок ва истифодаи босамари ин малакаи касбӣ бевосита иртибот дорад.

Маҳз аз ҳамин хотир, дар ҳуҷҷатҳои барномавии стратегии Тоҷикистон – Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии маруми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва Ҳадафҳои Рушди ҳазорсола ташаккули захираҳои инсонӣ, иштироки фаъоли аҳолӣ дар раванди рушд, инчунин ҳалли масъалаҳои гендерӣ ҳамчун афзалиятҳои миллӣ муайян шудаанд.

Дар пайваст ба ҳамин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули муназзами бозори хизматрасонии таълими касбӣ дар ҷумҳурӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, барои рушди ин соҳа пайваста тадбирҳоро амалӣ менамояд.

Дар ҳамин радиф аз ҷониби вазорат ҷиҳати тавсеа ва таҳкими фаъолият дар самти рушди касбии захираҳои меҳнатӣ низ диққати ҷиддӣ зоҳир гардида, мунтазам тадбирҳои муассир андешида мешаванд.

Аз ҷумла дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади васеъ намудани шабакаи муассисаҳои таълими касбӣ, мустаҳкам намудани заминаҳои моддию техникии ин муассисаҳо ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Маҳмадаминов М.Б. ба минтақаҳои ҷумҳурӣ сафарҳои корӣ анҷом дода шуд.

Дар заминаи ин сафарҳо нақша чорабиниҳои якҷояи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва минтақаи Рашт ба тасвиб расиданд, ки бешубҳа дар таҳкими фаъолияти минбаъдаи мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ нақши муҳим доранд.

Дар заминаи ин нақшаҳо тайи давраи ҳисоботӣ дар маркази шаҳри Хоруғ, ҷамоати деҳоти Ғарибшо Шаҳбозов ва Поршневи ноҳияи Шуғнон, дар марказ ва деҳоти Урметан, Вешаб, Дар-дари ноҳияи Айнӣ, дар марказ ва деҳаҳои Пастиғав, Рогиф, Мадрушкат ва Роғи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ, дар маркази ноҳияи Шаҳристон, дар деҳаи Кулолии ҷамоати деҳоти Рӯдакии шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои, Ховалинг, Восеъ, Балҷувону Темурмалик, Ҳамадонӣ ва деҳоти Чоркуҳи шаҳри Исфара марказҳои омӯзиши касбҳои дӯзандагӣ, қаннодӣ, ороиши мӯй, компютер, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ташкил карда шуданд, ки шумораи умумии онҳо дар ҷумҳурӣ алҳол 76 ададро ташкил медиҳад.

Дар ҳамдастӣ бо шарикони рушд, аз ҷумла намояндагии ширкати "Теттис Петролеум" дар Тоҷикистон, намояндагии Кумитаи имдоди имом Ҳумайнии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон ба марказҳои навтаъсис дар ноҳияҳои Шаҳристон, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шуғнон, Ишкошим, Мурғоб, Тавилдара ва Темурмалик таҷҳизоти зарурӣ аз қабили компютерҳо, мошинаҳои дарздӯзӣ ва дигар лавозимоти таълимӣ дастрас гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади таъмини иҷрои нишондиҳандаҳои Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва муассисаҳои таълими касбии он дар маҷмӯъ 86715 нафар шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гиифта шуданд, ки 86,7 фоизи нақшаи солонаро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 42086 нафар зиёд мебошад.

Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома 15814 нафар (105,4% нисбат ба нишондоди барнома) аз рӯи 52 касбу ихтисосҳо, тавассути дигар созмонҳо 2258 нафар, тариқи худмаблағгузорӣ 41819 нафар (92,7%) шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 26824 нафар (67,24%) бо шаҳодатномаҳо тасдиқ гардиданд.

Тавассути маблағгузорӣ аз ҳисоби барнома дар ВМКБ 1682 нафар (120,1%), вилоятҳои Хатлон 5237(112,6%), Суғд 3792 (93,4%), шаҳри Душанбе 2024 (695,0%) ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 3079 нафар (111,8%) шаҳрвандони бекор ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд.

Ба таври худмаблағгузорӣ бошад, дар ВМКБ 2667(61,0%), дар вилоятҳои Хатлон 13528 нафар (92,2%), Суғд 9498 нафар (84,5%), Душанбе 9613 нафар (138,8%) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 6513 нафар (82,3%) ба тайёрии касбӣ ҷалб гардиданд.

Тавре қайд гардид дар давраи ҳисоботӣ маҷмӯан малакаҳои касбии 26824 нафар шаҳрвандон бо шаҳодатнома тасдиқ гардиданд, ки аз ин теъдод ба ВМКБ 1943 нафар (47,2%), вилоятҳои Хатлон 10812 нафар (80,3%), Суғд

7759 нафар (73,5%), шаҳри Душанбе 1546 нафар (37,7%) ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 4764 нафар (67,3%) рост меояд (Диаграммаи 3).

Диаграммаи 3.




Дар ин муддат Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар маҷмуъ 46064 нафар шаҳрвадонро ба касбомӯзӣ фаро гирифт, ки нисбати ҳамин давраи соли 2012 (29808 нафар) 16256 нафар зиёд мебошад.

Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои барнома 10789 нафар (106,3%), тавассути худмаблағгузорӣ 16349 нафар (55,5), бо дигар созмонҳо 4016 нафар ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуданд ва малакаи касбии 14910 нафар (52,7%) бо шаҳодатнома тасдиқ карда шуданд.

Дар дигар муассисаҳои таълими касбии система бошад, 15844 нафар шаҳрвандон ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд, аз ҷумла, аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома 4808 нафар (15%), тавассути худмаблағгузорӣ 5501 нафар (17,1 %) ва малакаи касбии 4989 нафар (16 %) шаҳрвандон бо шаҳодатнома тасдиқ гардиданд (Диаграммаи 4).




Қайд намудан ҷоиз аст, ки аз теъдоди умумии шаҳрвандони аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома ба тайёрии касбӣ ҷалбшуда, 5215 нафар (34,8%) ихтисоси дӯзанда, 1003 нафар (6,7%) ихтисоси кафшергари газию барқӣ, 2868 нафар (19,1%) ихтисоси асосҳои омӯзиши компютер, 1096 нафар (7,3%)

ихтисоси ошпаз-қаннод ва 798 нафар (5,3%) ихтисоси соҳибкор, фермер-боғпарварро омӯхтанд.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 тайи давраи ҳисоботӣ тибқи 187 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 4282 нафар (дар ҳамин давраи соли 2012-ум 4383 нафар) бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии барнома 94,1 фоизро ташкил намуд.

Дар миқёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар ВМКБ 602 нафар, вилояти Суғд 1028 нафар, вилояти Хатлон 1359 нафар, шаҳри Душанбе 340 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 953 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Аз шумораи умумии шаҳрвандоне, ки ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар шуданд 1715 нафар (40%) занон ва 1991 нафар (46,5%) занон мебошанд.

Таҳлили сохтори ташкилии корҳои ҷамъиятии музднок нишон дод, ки дар давраи ҳисоботӣ 1621 нафар (37,8%) ба корҳои кабудизоркунию ободонӣ, 1022 нафар (23,9%) ба иҷрои намудҳои ҷудогонаи корҳои кишоварзӣ, 324 нафар (7,6%) корҳои обёрӣ ва ирригатсионӣ, 277 нафар (6,5%) корҳои ҷудогона дар сохтмони роҳ, 187 нафар (4,4%) дигар намуди корҳо, 185 нафар (4,3%) корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, 163 нафар (3,8%) ҷамъоварии растаниҳои шифобахш, 112 нафар (2,6%) расонидани ёрӣ ба маҷруҳон ва бепарасторон, 70 нафар (1,6%) ба корҳои барқарорсозии ёдгориҳои таърихӣ сафарбар шудаанд.

Барои иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок ба шаҳрвандони бекор маҷмуан 654,3 ҳазор сомонӣ маблағ пардохт шудааст, ки аз он 361,9 ҳазор сомонӣ (55,3%) аз ҷониби корфармоён ва 292,3 ҳазор сомонӣ (44,7%) аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ пардохт шудааст.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ.**

Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 6696 нафар шаҳрвандон ба маблағи 2 573 501 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки ин нишондиҳанда 125,2 фоизро аз таъмини иҷрои барнома ташкил медиҳад.

Аз ҷумла дар ВМКБ ба 612 нафар дар ҳаҷми 388032 сомонӣ, дар вилояти Суғд ба 1864 нафар 675058 сомонӣ, дар вилояти Хатлон ба 2672 нафар 752070 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе ба 417 нафар 268511 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 1131 нафар 489830 сомонӣ кӯмакпули барои бекорӣ ба шаҳрвандони бекор пардохт карда шуд.

Бо мақсади дастгирии молиявии занони бекор бошад, тайи давраи ҳисоботӣ ба 317 нафар занон дар ҳаҷми 220633 сомонӣ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин ва пардохт гардид.

Таҳлили сифатии раванди таъин ва пардохти кӯмакпулиҳо барои бекорӣ нишон медиҳад, ки дар давраи мадди назар аз ҳисоби табақаҳои осебпазир дар

бозори меҳнат ба 353 нафар шаҳрвандони аз корхонаҳо ихтисоршуда, 377 нафар бо хоҳиши худ, 372 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои ҷазои ҷиноӣ озодшуда ва 5594 нафар ҷавонони аз Қувваҳои мусаллаҳ озодшуда чунин кӯмакпулиҳо таъин ва пардохт шудаанд.

**Самти роҳнамоии касбӣ**

Мақомоти Агентӣ барои роҳандозии соҳаи роҳнамоии касбӣ фаъолиятро хуб ба роҳ монда, дар матбуоти даврӣ, телевизион ва радио барои ташвиқу тарғиб тибқи Барномаи роҳнамои касбӣ корҳои мушаххасро анҷом дод.

Дар робита ба ин дар рӯзномаю маҷаллаҳо мақолаҳо оид ба мавзӯҳои дуруст ва бошуурона интихоб намудани касб аз қабили: «Бародар, ниҳол парвар», «Ҷалб намудани ҷавонон барои маърифати илмомӯзӣ», “Ҷавонон касби худро дуруст интихоб бояд кард”, “Что такое профориентация”, “Ҳунарҳои аҷдодӣ ва таърихи он”, “Ҳамаи ҳунарҳо хубанд”, “Роҳнамои касбӣ-роҳнамои мост”, “Зарурияти роҳнамоии касбӣ” , “Роҳ ба сӯи маърифат”, “Ҳамкориҳо вусъат меёбанд”, “Таҷриба аз Белорус”, “Рабочая поезтка в Республику Белорусь”, “Чашмаи зоянда”, ”Омилҳои асосии интихоби дурусти касб”, “Зарурати роҳнамоии касбӣ дар чист?” “Интихоби дурусти касб талаби ҷомеа аст”, “Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест”, “Худбовариро тарбия бояд кард”, “Управления трудовыми рессурсами в ориентированной на инновацинное развитие экономики”, "Саҳми омӯзгорон дар интихоби касб”, “Ҳунарманд ҳар ҷо бувад сарфароз”ва “Масъалаҳои роҳнамоии касбии ҷавонон” ба табъ расиданд. Бо ташаббуси кормандони Ташкилоти ҷамъиятии “Хонаи ҷавонон” дар сайти электронии ин ташкилот маълумотҳо дар бораи фаъолияти роҳнамоии касбӣ ҷой дода шудааст.

Инчунин, кормандони ин соҳа мувофиқи нақшаи корӣ дар бозорҳои «Мардикор»-и шаҳри Душанбе бо 502 нафар, дар вилоятҳои Суғд бо 846 нафар, Хатлон 117 нафар, ВМКБ бо 155 нафар ва НТҶ бо 587 нафар ашхоси корҷӯ машваратҳои фардӣ ва бо 703 нафар бекороне, ки ба бозорҳои «Мардикор»-и шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд, Хатлон, ВМКБ муроҷиат кардаанд, тадқиқотҳои сотсиологӣ гузаронида, ба онҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳои касбии шаҳрвандон, курсҳои бозомӯзӣ маълумотҳо пешниҳод намуданд. Натиҷаи таҳлили тадқиқотҳо нишон дод, ки ба бозори «Мардикор» шахсони касбу кори гуногун барои таъмини талаботи моддии оилаҳои худ рӯ овардаанд.

Дар давоми нӯҳ моҳи соли ҷорӣ кормандони соҳа дар Ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод, ки аз тарафи мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират гузаронида шуданд, иштирок намуда, бо 987 нафар ашхоси корҷӯ тадқиқотҳои сотсиологӣ ва бо 1944 нафар машваратҳои фардӣ ва сӯҳбатҳо гузарониданд, ки ин дар шаҳри Душанбе 449 нафар, дар вилояти Суғд 391 нафар, дар ВМКБ 135 нафар, дар вилояти Хатлон 556 ва дар НТҶ 413 нафар рост меояд.

Кормандони соҳа бо 56 нафар шаҳрвандони маъюб, ки барои дарёфти ҷойи кор ба Ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Душанбе муроҷиат карда буданд, машваратҳои фардию равонӣ гузаронида, барои дарёфти ҷойи кори мувофиқ маслиҳатҳои муфид доданд. Чунин машваратҳо дар вилояти Суғд бо

79 нафар, дар вилояти Хатлон бо 60 нафар, дар ВМКБ бо 56 нафар ва дар НТҶ бо 107 нафар маъюб гузаронида шуд, ҷамъ 358 нафарро ташкил дод.

Бо мақсади муайян намудани шавқу рағбати хонандагон дар интихоби бошууронаи касб дар 23 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои шаҳри Душанбе, мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, Литсейи махсуси маъбон, Литсейи махсуси касбӣ-техникии №1 ва марказҳои таълимӣ бо 3546 нафар хатмкунандагон ва касбомӯзон машваратҳои гурӯҳӣ ва равонӣ гузаронида шуд. Ҳамаи пурсишҳо таҳлил ва рамзкушоӣ карда шуда, дастраси хонандагон гардид. Инчунин, мутахассисони ин самт дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳур дар 21 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд бо 2163 нафар, дар 6 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ВМКБ бо 547 нафар, дар 21 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Литсейи техникии ноҳияи Вахши вилояти Хатлон бо 2561 нафар, дар 5 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ бо 404 нафар, дар 6 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Ваҳдат бо 460 нафар, дар 5 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Ҳисор бо 338 нафар, дар 6 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Файзобод бо 497 нафар ва дар 6 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Турсунзода бо 438 нафар, дар маҷмӯъ бо 10954 нафар хонанда машваратҳои гурӯҳӣ гузарониданд.

Дар Муассисаи давлатии “Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон” дар шаҳри Душанбе бо 194 нафар хонандагони гурӯҳҳои “Омӯзиши системаи компютерӣ”, “Ҳисобдор”, “Устои радио”, “Пойафзолдӯз” ва “Дӯзанда” машваратҳои гурӯҳию равонӣ гузаронида шуд. Дар рафти ин машваратҳо аз тест-пурсишномаҳои “Муайян намудани дараҷаи худбаҳодиҳӣ”, “Муйян намудани қобилияти зеҳнӣ” ва “МТК” истифода намуданд.

Масъулини самти мазкур доир ба мавзӯи «Вазъ ва зарурияти касбинтихобкунии наврасон дар шароити иқтисоди бозоргонӣ» бо 1464 нафар хатмкунандагони 15 мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Шоҳмансури ш.Душанбе ва бо 1300 нафар хатмкунандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамъ бо 2764 нафар хонандагон тадқиқоти сотсиологӣ гузарониданд. Аз натиҷаи таҳлили пурсишномаҳои 91 нафар хонандагони Гимназияи хусусии Тоҷикистон чунин нишондодҳо ба даст омаданд: синну соли дар тадқиқот иштироккунандагон гуногун буда, аз 14 то 19 соларо дар бар гирифт. Аз шумораи 91 нафар хонандагони Гимназия 26% духтарон ва 74%-ро писарон ташкил намуданд, ки аз ин миқдор хонандагони синфҳои 9 –52%, синфҳои 10 -18% ва 11–30% -ро ташкил дод. Аз ҷиҳати миллат 100% - тоҷикон буданд. Натиҷаи таҳлили пурсишномаҳо нишон дод, ки 66%-и хатмкунандагон мехоҳанд таҳсилашонро дар муассисаҳои олӣ давом диҳанд, 30%– мехоҳанд кор кунанду ҳам таҳсил кунанд, 4%- ба ҷавоб додан мушкилӣ кашидаанд.

Доир ба мавзӯи “Бозор яке аз омилҳои асосии ба кор таъмин намудани шаҳрвандон” дар бозорҳои “Ҷал-Ҷам”, “Ганчина”, “Корвон”-и ш. Душанбе бо 342 нафар ва дар бозорҳои вилояти Суғд бо 1453 нафар соҳибкорони хурду миёна пурсишҳои сотсиологӣ гузаронида шуд.

Ҳамин тариқ, дар нӯҳ моҳи соли равон ҷамъ бо 18877 нафар аҳолӣ хизматҳои касбӣ расониданд. Аз ҷумла: дар ВМКБ – 1058 нафар, дар вилояти Суғд - 3995 нафар, дар вилояти Хатлон – 4196 нафар, дар шаҳри Душанбе – 5333 нафар ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ – 4295 нафар. (Маълумоти рақамӣ замима мегардад).

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл мадди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

**III. Дар самти муҳоҷирати аҳолӣ**

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират фаъолияти кории худро дар нуҳ моҳи соли 2013 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масоили муҳоҷират, супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монд.

Бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ, пешгирии ҳодисаҳои номатлуби табиӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқии обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод, инчунин ҷиҳати муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори деҳот, рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати иҷрои саривақтии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ тадбирҳои амалӣ андешида дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ як қатор корҳоро анҷом дод.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби Агентӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар солҳои 2014-2016» таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шуда барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд.

Агентӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ ва нақшаҳои тасдиқшуда дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо тадбирҳо андешида, корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Аз аввали соли ҷорӣ то имрӯз дар самти ташкили муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ корҳои зайл иҷро гардидаанд:

**Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ):** Дар нуҳ моҳи соли 2013 кор дар ин самт асосан ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №677 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2015» ва аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» ба роҳ монда шудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №677 соли ҷорӣ бояд дар ҷумҳурӣ 661 оила ихтиёрӣ кӯчонида шавад, аз ҷумла дар вилояти Хатлон 308 оила, вилояти Суғд 135 оила ва НТҶ 218 оила.

Дар харҷномаи Агентӣ барои муҳоҷирони дохилӣ дар соли 2013 қарзи имтиёзнок ба маблағи 2695971 сомонӣ ва барои интиқоли онҳо 1145122 сомонӣ, дар маҷмӯъ 3841093 сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бо мақсади иҷрои саривақтии қарори болозикр ва пешниҳоди рӯйхати аниқшудаи муҳоҷирони дохилӣ барои соли 2013, аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 19 декабри соли 2012 таҳти №14.2/3289 мактуби расмӣ ирсол гардида буд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар муҳлатҳои муайяншуда тибқи нақша рӯйхати аниқшудаи муҳоҷиронро барои маблағгузорӣ ва кӯчонидани онҳо дар давоми соли 2013 пешниҳод карданд. Рӯйхати таҳияшуда аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 феврали соли равон тасдиқ карда шуд.

Ба ҳолати нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ ба 601 оилаи муҳоҷирони дохилӣ қитъаи замин барои сохтмони манзил ҷудо гардида ва муҳоҷирон дар мавзеъҳои нави зист ба қайд гирифта шудаанд, ки ин 91%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар вилоятҳои Хатлон 308 оила, Суғд 135 оила ва НТҶ 158 оила.

**Дар вилояти Хатлон**

Аз ноҳияҳои Шӯрообод 10 оила, Шаҳритус 5, Қубодиён 6 ва Ҷиликӯл 4 оила ба ноҳияи Н.Хусрав; аз ноҳияи Шӯрообод 10 оила ба ноҳияи Шаҳритус; аз ноҳияи Бохтар ба ноҳияи Ҷиликӯл 74 оила; аз ноҳияи Шӯрообод 20 оила ва аз ноҳияи Вахш 15 оила ба ноҳияи Қумсангир; дар ҳудуди ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ 20 оила; 6 оила дар ҳудуди ноҳияи Ёвон; дар ҳудуди ноҳияи Вахш 60 оила ва дар ҳудуди ноҳияи Хуросон 78 оила.

**Дар вилояти Суғд**

Дар ҳудуди ноҳияи Ғончӣ 25 оила; дар ҳудуди шаҳри Исфара 50 оила; аз ноҳияҳои Айнӣ 40 оила ва аз Кӯҳистони Мастчоҳ 20 оила ба ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон.

**Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

Дар ҳудуди ноҳияи Варзоб 40 оила, аз ноҳияи Тоҷикобод ба ноҳияҳои Ёвон 4 оила, Вахш 5 оила, Н. Хусрав 25 оила ва дар ҳудуди ноҳияи Тоҷикобод 10 оила; дар ҳудуди ноҳияи Рашт 40 оила; аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияи Қумсангир 25 оила ва ба ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон 9 оила.

Аз ин дар давраи ҳисоботи ба 591 оилаи муҳоҷирони дохилии дар соли 2013 кӯчонидашуда 1773000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути шуъбаҳои

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои пардохт интиқол дода шуд. Инчунин, дар давраи ҳисоботӣ ба 399 оилаи муҳоҷирони дохилии кӯчонидашудаи соли 2012 дар ҷумҳурӣ қарзи имтиёзнок ба миқдори 598500 сомонӣ барои пардохт интиқол дода шуд.

Қобили қайд аст, ки баъзе аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон айни замон корҳоро дар самти қабули қарори замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматии муҳоҷирон мавриди баррасӣ қарор дода истодаанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Ҷиргатол барои 20 оила дар ҳудуди ноҳия ва 10 оила аз ноҳияи Рашт, дар маҷмӯъ ба ҳолати имрӯза ба 30 оилаи муҳоҷирони дохилӣ. Ин масъала низ дар рӯзҳои наздик ҳалли худро меёбад. Бинобар сабаби дар кишти картошка қарор доштани замин, тақсими қитъаи замин ба 30 оилаи кӯчонидашаванда баъди 30 сентябри соли равон(яъне баъди ҷамъоварии ҳосили картошка) амалӣ карда мешавад.

Ҳамчунин барои 30 оилаи муҳоҷирони дохилии шаҳри Роғун, ки ба ноҳияи Рӯдакӣ (мавзеи Эсанбой) тибқи нақша бояд кӯчонида шаванд, қитъаи замин ҷудо гардида аз ҷониби сохторҳои дахлдор айни замон корҳои омодагӣ ҷиҳати таҳияи Нақшаи кул оғоз гардидааст ва дар рӯзҳои наздик кӯчонидани муҳоҷирон амалӣ карда мешавад.

**Ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол»** корҳои муайяне ба анҷом расонида шуд.

Оид ба амалӣ намудани қарори болозикр рӯзи 10 майи соли 2013 дар ноҳияи Ҷиргатол бо иштироки мудири Шуъбаи шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулини вазорату идорахои дахлдор ва мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод ва Ҷиргатол ҷаласаи назоратӣ баргузор гардида, Протоколи дахлдор қабул карда шуд.

Ба ҳолати имрӯза 495 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 355 оила аз ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеи Чоргули Ҷамоати деҳоти Муксу, мавзеи Дуванаи Ҷамоати деҳоти Алға, мавзеи Ҷаилғани Ҷамоати деҳоти Лахш ва мавзеи Сарталои Ҷамоати деҳоти Сарталои ноҳияи Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби Агентӣ ба ҳар як сардори оила дар ҳаҷми 1500 сомонӣ дар маҷмӯъ ба 500 оила 750000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории “Амонатбонк”-и ноҳияи Ҷиргатол барои пардохт интиқол дода шуд.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда, 52 оила хонаҳои истиқоматиро бунёд ва боми онҳоро пӯшонданд, 273 оила девори хонаҳоро бардошта, 26 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 41 оила сангу шағал захира карда, 10 оила дар мавзеи нави зист бо аҳли оилаашон зиндагӣ доранд. Вале, мутаассифона 101 оила, аз ҷумла: ноҳияи Рашт 52 оила, ноҳияи Тоҷикобод 34 оила ва ноҳияи Ҷигатол 15 оила тамоман ба корҳои сохтмонӣ шурӯъ накардааст.

Нисбати иваз намудани 11 оилаи муҳоҷирони дохилии аз ноҳияи Мурғоби ВМКБ ба муҳоҷирони дохилии ноҳияи Ҷирагатол унвонии Раиси ноҳияи Ҷиргатол 6 авугсти соли ҷорӣ мактуби расмӣ ирсол карда шуд, ки он ҳалли худро пайдо карда, айни замон аз ин 11 оила 6 оила бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар мавзеи Лахш таъмин гардида ва 5 оила дар рӯзҳои наздик бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ таъмин мегарданд.

Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори мазкур як қатор корҳоро анҷом доданд:

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бунгоҳи тиббиро дар мавзеи Чоргули Ҷамоати деҳоти Муксу ба пуррагӣ ба итмом расонида, бо ашёҳо таҷҳизонидааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳро то саршавии мавзеи муҳоҷирнишин ва як кӯчаи дохилихоҷагиро, ки ин аз 4 як қисмати роҳҳои зикршударо дар бар мегирад сангфарш намудааст. Мувақатан корҳо ба таваққуф гузошта шудаанд.

Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои сохтмони мактабро идома дода, айни замон кор дар самти таъмири беруни бино идома дошта рафти корҳои сохтмонӣ 75 % иҷро шудааст.

Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани қубурҳои обгузар ҷиҳати таъмини муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ дар масофаи 6700 метр қубури обгузар хобонида, дар 300 метри боқимонда корҳо идома дорад.

Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик» корҳоро доир ба гузаронидани хатҳои интиқоли қувваи барқи дохилихоҷагӣ дар мавзеи Чоргул давом дода, 320 адад симчӯбҳои баландшиддат ва пастшиддат шинониданд.

Барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда дар ҷаласаи моҳи майи соли ҷорӣ Агентӣ ҷиҳати баргузор намудани ҷаласаи навбатии назоратӣ дар моҳи октябри соли ҷорӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод дар ноҳияи Ҷиргатол унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мактуби расмӣ ирсол кард ва ин масъала аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ карда шуд.

**Муҳоҷирати экологӣ:** Агентӣ дар нуҳ моҳи соли 2013 дар ин самт тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 211 “Дар бораи тартиби амалии намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, аз 1 июли соли 2011, № 332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013» аз 20 январи соли 2009, № 47 “Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод” ва аз 14 июли соли 2012, №365 «Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷири экологӣ аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон» тадбирҳо андешида, барои муҳоҷиркунонии аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои зертобеи Агентӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Дар асоси пешниҳоду дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ руйхати аниқи муҳоҷирони экологӣ, ки 300 хоҷагиро дар бар мегирад, таҳия гардида, баъд аз мувофиқа бо Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуд, ки он аз 12 феврали соли 2013 таҳти № 19/1-2-05 тасдиқ гардид.

Тибқи қарори болозикр соли 2013 аз минтақаҳои хавфноки экологии ҷумҳурӣ бояд 300 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ кӯчонида шуда бо маблағи қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ таъмин карда шаванд, аз ҷумла дар ВМКБ 50 хоҷагӣ, вилоятҳои Суғд 66, Хатлон 108 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 76 хоҷагӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ тибқи харҷномаи тасдиқгардида барои соли 2013 1807719 сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки аз он 1500000 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 307719 сомонӣ кӯмаки якдафъаинаро ташкил медиҳад.

Аз ин, 287 сардори хоҷагии дар нақша буда, дар асоси қарори Раисони шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ дар мавзеъҳои бехавф таъмин гардидаанд, ки ин 96,%-и нақшаи солонаро ташкил медиҳад ва ба ин хоҷагиҳо маблағи қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ ба андозаи 1009300 сомонӣ пардохт карда шудааст.

То имрӯз 205 сардори хоҷагӣ кӯчонида шуда, 95 сардори хоҷагҳо ба корҳои сохтмонӣ аз қабили бардоштани девор, гузоштани таҳкурсӣ, овардани масолеҳи сохтмонӣ машғул мебошанд.

Аз ҷумла мутобиқи нақшаи пешбинигардидаи соли 2013 аз минтақаҳои хавфноки экологии ВМКБ 50 хоҷагӣ бояд кӯчонида шавад.

Ба ҳолати имрӯза аз мавзеъҳои хавфноки ВМКБ 41 сардори хоҷагӣ кӯчонида шудааст, аз ҷумла аз ноҳияҳои Дарвоз 10 хоҷагӣ, Ванҷ 6, Рӯшон 3, Роштқалъа 4, Ишкошим 8, Шуғнон 3, Мурғоб 7 хоҷагӣ.

Боқимона 9 сардори хоҷагии муҳоҷирони экологии ВМКБ дар минтақаҳои ҷудогардида ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ машғул мебошанд.

Тибқи нақшаи пешбинигардида аз вилояти Суғд дар соли 2013 бояд 66 хоҷагӣ кӯчонида шавад.

Ба ҳолати имрӯза аз ин шумора 47 сардори хоҷагӣ кӯчонида шудааст. Аз ҷумла аз шаҳрҳои Исфара 5 хоҷагӣ, Хуҷанд-2 хоҷагӣ, Панҷакент-10 ва ноҳияҳои Айнӣ-4 хоҷагӣ, Ғончӣ -5, Ашт-4, Шаҳристон-6 ва Спитамен-11 сардори хоҷагӣ. 19 сардори хоҷагӣ ба корҳои сохтмони дар маҳалҳои нави зист машғул мебошанд.

Мутобиқи нақша аз вилояти Хатлон дар соли 2013 бояд 108 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шаванд.

Ба ҳолати имрӯза аз мавзеъҳои хавфноки экологии вилояти Хатлон 82 хоҷагӣ кӯчонида шудааст аз ҷумла дар шаҳри Норак 6, ноҳияҳои Темурмалик 6, Хуросон 3, Муъминобод-4, Шӯрообод 7, Данғара 8, Шаҳритус 4, Ҷиликӯл 8, Ёвон 7, Вахш– 8, Бохтар- 6, ноҳияи Абураҳмони Ҷомӣ 7 ва Панҷ 8 хоҷагӣ.

Айни замон 18 сардори хоҷагии муҳоҷирони экологӣ ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ машғул мебошанд.

Аввали соли 2013 дар асоси нақшаи тасдиқгардида бояд, ки рӯйхати 8 хоҷагӣ аз ҷониби Мақамоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб барои тасдиқ ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардид.

Мутаассифона Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб унвонии Вазорат мактуб ирсол карда, дарҷ намудааст, ки соли 2013 бинобар сабаби оғоз намудани корҳо соҳилмустаҳкамкунӣ дар шаҳри Кулоб рӯйхати 8 хоҷагии дар минтақаи хавфнок қарор дошта барои тасдиқ намудан ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда намешавад.

Тибқи нақша соли 2013 аз шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ бояд 76 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ аз минтақаҳои хавфнок ба мавзеъҳои бехавф кӯчонида шавад.

Ба ҳолати имрӯза аз минтақаҳои хавфноки экологии шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 35 сардори хоҷагӣ, аз ҷумла, шаҳри Турсунзода 5 хоҷагӣ, аз ноҳияҳои Файзобод 3 хоҷагӣ, Ҷиргатол 7, Варзоб 8, Тоҷикобод 2, Тавилдара 5 ва ноҳияи Рашт 3 хоҷагӣ ва кӯчиданд.

Айни замон дар мавзеъҳои ҷудогардида муҳоҷирон ба корҳои сохтмонӣ машғул мебошанд.

Бо мақсади ворид намудани рӯйхати 5 хоҷагӣ тибқи нақшаи тасдиқгардида аз ноҳияи Нуробод аз ҷониби вазорат дар аввали соли 2013 унвонии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод мактуби расмӣ ирсол гардида буд, мутаассифона рӯйхати 5 хоҷагӣ аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод пешниҳод нагардид, ки ин иҷроиши қарори мазкурро халалдор менамояд.

**Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли 2012 таҳти №365 "Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷирони экологӣ аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон"** 8 оила дар ноҳияи Панҷ пурра манзили зисти худро сохта, истиқомат доранд.

Аз 37 оилаи ба ноҳияи Қумсангир кӯчонидашуда, 37 оила ба қайд гирифта шудааст. Ба ҳолати имрӯза 25 оила хонаҳои истиқоматиро сохта, 10 оила девор ва 2 оила таҳкурсии хонаҳоро бардошта, дар маҳалли нави истиқоматӣ 37 оила истиқомат доранд.

Мавриди зикр аст, ки рӯзи 18 апрели соли 2013 бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ дар мавзеи нави зисти муҳоҷирон дар ноҳияи Қумсангири вилояти Хатлон ҷиҳати амали гардидани қарори мазкур ҷаласаи машварати гузаронида шуда Протоколи дахлдор қабул гардид. Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои омода намудани ифрасохтори зарури барои муҳоҷирон дар мавзеи ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангир аз ҷониби масъулини вазорату идораҳои дахлдор корҳои муайяне ба итмом расонида шуд. Аз ҷумла аз ҷониби ҶСШ «Барқи Тоҷик» барои муҳоҷирон як тасформатор ҷудо гардида, хатти интиқоли барқ то манзили муҳоҷирон кашида шуд. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тахту ҳангор намудани роҳи дохилихоҷагӣ 5 тонна салярка ҷудо намуд. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қумсангир ҷиҳати бо оби нушоки таъмин кардани муҳоҷирон тадбирҳои зарурӣ андешидааст.

Ҷараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ таҳти назорати доимӣ қарор дорад.

**Бо дарназардошти гуфтаҳои боло дар иҷрои бечунучарои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ ҳалли фаврии масъалаҳои зерин зарур мебошанд:**

1. Вусъат бахшидани ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла дар самти сари вақт ҷудо намудани қитъаи замин, сохтмони роҳҳо, таъмини барқ, об, муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва ғайра;

2. Риоя намудани шартҳо ва талаботи асосии тартиби муҳоҷиркунонӣ, махсусан ҳангоми интихоби муҳоҷирони дохилӣ;

3. Дуруст ба роҳ мондани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ миёни аҳолӣ, нисбати донистан ва иҷрои ӯҳдадориҳои муҳоҷирон;

4. Бо шуғл фаро гирифтани муҳоҷирон дар мавзеи нави зист тавасути чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ҷиҳати иҷрои қарорҳои болозикр тадбирҳои зарурӣ андешида, вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо саривақт амалӣ менамояд.

**Корҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ.**

Агентӣ дар самти ташкилӣ ва назоратӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 57 фармоишҳои дохилии Агентӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки 34 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар сохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд. Тайи ҳамин давра 38 нақшаи ҳафтаина, ки 1658 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон 35 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ ва муовинони директор таҳия ва тасдиқ карда шуда, 578 супоришро дар бар мегирад, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ қарор дода шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ 501 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 144, вилояти Суғд - 127, ВМКБ - 50, ва шаҳри Душанбе - 39 воҳидҳои корӣ рост меояд.

Дар ин давра тибқи фармоишҳои содиршудаи кадрӣ (ҳайати кормандон, рухсатии меҳнатӣ ва сафарҳои хизматӣ) маълум гашт, ки 494 фармоиш, аз ҷумла ҳайати кормандон 192, рухсатии меҳнатӣ – 154 ва сафарҳои хизматӣ - 148 адад ба тавсиб расидаанд.

Дар асоси 192 фармоишҳои ҳайати кормандон 88 нафар кормандон ба вазифа таъин, 42 нафар озод карда шудаанд, навбатдорӣ – 6 адад, 10 - адад муҷозот, ҳавасмандгардонӣ - 4 адад, аттестатсия – 1 адад, озмун – 2 адад ва дигар фармоишҳо - 4 адад ба имзо расидаанд.

Бо 154 фармоишҳои рухсатии меҳнатӣ ба 114 нафар кормандони агентӣ барои давраи фаъолияти кории солҳои 2012-2013 рухсатии навбатии меҳнатӣ дода шуда, бозхонд 24-адад (бинобар сабаби зарурияти корӣ), рухсатии

пардохтшаванда 9 адад, рухсатии бемузд 6 адад ва рухсатии нигоҳубини кӯдак 1 адад таҳия гардид.

Бо 148 фармоишҳои сафари хизматӣ, 8 адад курси такмили ихтисос, 7– адад сафари хориҷа (7 нафар ба хориҷи кишвар), 133 адад сафари хизматӣ (241 нафар дар дохили кишвар) ба вилоятҳои ВМКБ, Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба тасвиб расидааст. Дар асоси 8 адад фармоишҳои курси такмили ихтисос, ки 124 нафар кормандон ба курсҳои такмили ихтисос фаро гирифта шудаанд.

Аз ин 1 нафар хизматчии давлатӣ барои баланд бардоштани савияи дониш дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳо иштирок намуда, як нафар барои таҳсил дар магистратураи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷат пешниҳод намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз Агентӣ оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005, №289 «Дар бораи тасдиқи эъломия оид ба андоз ва эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» корҳо ба роҳ монда шуд.

Дар маҷмӯъ барои давраи фаъолияти соли 2012 хизматчиёни давлатии Агентӣ эъломияҳои худро саривақтӣ то 1-уми апрели соли 2013 ба мақомоти дахлдор пешниҳод намуданд.

Аз ҷониби Агентӣ дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиикистоназ 25 январи соли 2011, №4-ҲК «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои навбатдорӣ дар қабулгоҳи Вазир», лоиҳаи фармоиши директор ва Қоидаҳои навбатдорӣ таҳия шуда бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи «Қоидаҳои навбатдорӣ» аз ҳисоби кормандони Агентӣ дар рӯзҳои истироҳат (шанбе, якшанбе) рӯйхати навбатдорон ва дар рӯзҳои ид рӯйхати шабонарӯзии навбатдорон тартиб дода шуда, дар дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои таркибӣ навбатдорӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2013 №23.5/10-1 бо мақсади ташкили фаъолияти мунтаззами кор бо кадрҳо, сари вақт ва мустақиман дастраскунии ҳуҷҷатҳо ва воридкунии навгониҳо ба Барномаи электронии «Кадрҳо» корҳо ба роҳ монда шуд. Барои ворид намудани маълумотномаҳои электронии кадрҳо ба сомонаи www.kadr.tj аз ҷониби шуъба шахси масъул вобаста гардидааст ва айни замон ҳамаи маълумотномаҳои электронии корманддон ба сомонаи мазкур ворид карда шуд.

Ҳамзамон тайи давраи ҳисоботӣ дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи Барномаи дастгирии секторалӣ дар соҳаи иҷтимоии Иттиҳоди аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои банди 12 Нақшаи татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ лоиҳаи Консепсияи таҷдиди муассисаҳои давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» ва Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ» таҳияи гардида бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2013, №5 тасдиқ карда шуда, корҳо дар ин самт тибқи Нақша ба роҳ монда шудааст.

**Такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа дар нуҳ моҳи соли 2013**

Дар ин муддат ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи кории Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳайати мушовари Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4(чор) лоиҳаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3(се) лоиҳаи қарори Ҳайати мушовараи Вазорат таҳия гардиданд, аз ҷумла:

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таъсис додани Муассисаи давлатии «Хона-интернати бемороні рӯҳӣ барои калонсолон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон» аз 3 августи соли 2013, 339;
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳам додани Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат» аз 3 августи соли 2013, №340;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамӯҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар солҳои 2014-2016" айни замон барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст;
- лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқ намудани "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015" айни замон барои мувофиқа ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод шудааст.

Дар ин давра се лоиҳаи қарорҳои Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардиданд.

Аз ҷумла:

- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2013 "Дар бораи тасдиқи Консепсияи таҷдиди муассисаҳои давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» ва Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ»;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2013 "Дар бораи чараёни иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ;
- қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2013 Дар бораи "Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015".

Инчунин дар давраи ҳисоботи лоиҳаи Созишномаи ҳамкорӣ байни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи воҳиди давлатии "Ширкати алюминийи тоҷик" ҷиҳати ба табобати ройгон дар истироҳатгоҳи "Гармчашма"–и ВМКБ фаро гирифтани табақаҳои

осебпазири аҳолӣ ва нафароне, ки хизмати хосаашон аз ҷониби давлат қадршиносӣ шудааст, таҳия ва ба имзо расид.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъсис додани Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ барои калонсолон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон» аз 3 августи соли 2013, 339 лоиҳаи қарори Шӯрои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 26 сентябри соли 2013, №6 “Дар бораи тасдиқ намудани Оинномаи Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони рӯҳӣ барои калонсолон дар ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон» таҳия ва тасдиқ гардид.

Дар нуҳ моҳи соли 2013 ба Агентӣ ҳамагӣ **1804** адад ҳуҷҷат ворид шудааст.Хусусияти ҳуҷҷатҳои қабулшуда чунинанд:

ба воситаи Вазорат
- супоришҳои Вазорати мехнат (танхо) - 549
- супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 195
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 32
- мактубхо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмиллалӣ, сафоратхонаҳо - 47
- фармону, фармоишҳои Вазир - 36
- муқотибаи вазорату, идораҳо мактубҳо аз зертобеъи Агентӣ дар ш.Душанбе, вилоятҳо, шаҳру, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ - 469
- муроҷиати шаҳрвандон (аризаҳо) - 476
- қабули мурочиати шифоҳии шаҳрвандон - 56193

Таҳлили муросилоти содиротӣ нишон дод, ки дар 9-ҳ моҳи соли 2013 Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират **1700** адад хуҷҷатҳоро тайёр намуда, ба сохторҳои марбута ирсол намуд, ки дар муқоиса бо соли 2012 дар давраи ҳисоботӣ ворид ва содир гаштани хуҷҷатҳо чунинанд:

- муқотибаҳои воридотӣ 402 адад кам (82 %)
- муқотибаҳои содиротӣ 98 адад кам (95 %)

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ **476 адад мурочиатҳои хаттии шаҳрвандон ворид шудаанд,** ки нисбат ба соли 2012 (дар давраи ҳисоботӣ) **445 ариза (52 %) кам мебошад**.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки камшавии мурочиатҳои шаҳрвандон таи ин давра ин - дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ин самт дар сохторҳои марбутаи Агентӣ мебошад.

Таи ин давра ба Агентӣ **8** мурочиати коллективӣ, **105** мурочиат тавассути Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, **5** адад аз Маҷлиси Намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 адад аз Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Вазорат бошад **217** адад ва **22** ариза баъди қабули шахсии Вазир дохил шудаанд.

Шумораи мурочиатҳо дар давраи аз 1 январ то 20 сентябри соли 2013 воридгашта аз рӯи мазмунашон чунинанд:

| | |
|---|---|
| * дар бораи гирифтани кӯмаки моддӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ | 113 |
| * дар бораи дастрас намудани чиптаҳои имтиёзнок | 119 |
| * оиди таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ | 90 |
| * дар бораи гирифтани кӯмаки молиявӣ | 33 |
| * дар бораи дастрас намудани аробачаи маъюбӣ ва хадунок | 32\1 |
| * дар барои дастрас намудани роҳхатҳо ба истирохатгоҳҳо | 32 |
| * оиди ҷудо намудани автомашина ва мотоцикл | 4\1 |
| * оиди гирифтани карзи имтиёзнок | 4 |
| • оиди ҷойгир намудан дар хона-интернати пиронсолон | 12 |
| * дар бораи норозӣ будани бошандагони хона-интернати ш.Вахдат ҷиҳати гузаронидани ба дигар муассисаҳо | 7 |
| • оиди расонидани кӯмак барои гузаронидани туйӣ хонадоршавии фарзандон | 2 |
| • оиди хусусигардонии манзили зист | 2 |
| • оиди шикояти беасос (аноним) ва аз болои роҳбар | 3\3 |
| • ба салоҳияти Агентӣ вобаста нест | 2 |
| • оиди гирифтани роҳхат барои касбомӯзӣ | 1 |
| * - оиди ҷойгир намудан барои табобат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 2 |
| • оиди дохил шудан ба литсей- интернати махсуси маъюбон | 4 |
| • оиди расонидани кӯмак барои ҷудо намудан замини назди хавлигӣ | 2 |
| • оиди сохтани протези даст ва пой | 5 |
| • дигар масъалаҳо | 2 |

Таҳлили арзу шикояти шаҳрвандон нишон медиҳад, ки зиёда аз **146** аризадиҳандагон (аз шумораи умумӣ) дархости кӯмаки моддӣ ва молиявӣ доранд.

Аз ин **31 % (113 нафар)** бо мазмуни ҷудо намудани кӯмаки моддӣ ва кӯмаки молиявӣ аз тарафи Кумитаи Имдоди Имом Хумайнӣ муроҷиат ворид шудааст. Асосан ин шаҳрвандон яккаву танҳо, нафақахурон, сатҳи зиндагониашон бениҳоят вазнин ва андозаи нафақаи мегирифтагиашон хеле кам мебошад.

Доир ба масъалаи ҷудо намудани чиптаи имтиёзноки истифодаи ҳавопаймо ва қатора ба самти Душанбе – Москва, Санк-Петербург, Волгоград, Екатеринбург бо мақсади табобат **119 нафар ё 25 %** шумораи умумии муроҷиатҳоро ташкил медиҳанд, **90 нафар (19 %) барои таъмин кардан ба ҷои кори доимӣ.**

Дар давоми нуҳ моҳи соли 2013 ба сохторҳои тобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират зиёда аз **54031** нафар шаҳрвандон шифоҳӣ муроҷиат намуданд.

| Номи масъалаҳо | Ҳамагӣ муроҷиатҳои шифоҳи | Фаҳмонда шуд ё дар назорат | Баррасӣ шуд |
|---|---|---|---|
| Оиди гирифтани роҳхат барои қасбомузӣ | 7643 | 1349 | 6294 |
| Таъмин намудан ба ҷои кори доимӣ | 9221 | 1865 | 7356 |
| Дастрас намудани аробачаи маъюбӣ | 863 | 422 | 441 |
| Дастрас намудани асобағал | 1301 | 278 | 1023 |
| Гирифтани қарзи имтиёзнок | 2103 | 888 | 1215 |
| Кӯмаки молиявӣ | 657 | 181 | 476 |
| Кӯмакпулӣ | 4264 | 922 | 3342 |
| Масъалаи шаҳодатномакунонӣ | 3781 | 957 | 2824 |
| Гирифтани тасдиқномаи бекорӣ | 9273 | 944 | 8329 |
| Гирифтани роҳхат ба истироҳатгоҳ ва ҷойгир намудан дар хона-интернатҳо | 817<br><br>222 | 304<br><br>79 | 513<br><br>143 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони дохилӣ | 4050 | 797 | 3253 |
| Номнавис намудан ба рӯйхати муҳоҷирони меҳнати | 409 | 185 | 224 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати камбизоат | 3507 | 367 | 3140 |
| Оиди ташкили корҳои ҷамъиятӣ ободони | 1479 | 97 | 1382 |
| Бақайдгирии шаҳрвандон ба рӯйхати бекорон | 199 | 34 | 165 |
| Дигар масълаҳо барои гирифтани маълумот | 3829 | 579 | 3250 |
| Гирифтани роҳхат ба Маркази миллии тавонбахши «Чорбоғ» | 2 | - | 2 |
| Гирифтани ҷубронпулии барқ | 379 | 9 | 370 |
| Гирифтани кӯмаки иҷтимоӣ | 32 | 2 | 30 |
| **Ҷамъ:** | **54031** | **10259** | **43772** |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки **43772** муроҷиати шифоҳии шаҳрвандон баррасӣ гардида ё 81 % ташкил медихад ва **10259** муроҷиати шифоҳӣ дар назорат мебошад (19 %).

**Самти робитаҳои байналмиллалӣ ва ҷамъиятӣ**

Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти Агентӣ ин тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳои расмию даврӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, баҳри амалӣ намудани хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мебошад.

Дар ҳамкорӣ бо **шабакаҳои телевизионии** ТВТ-1, "Ҷаҳоннамо", "Сафина", "Баҳористон" дар ин давра бо ташаббуси шуъба зиёда аз 42 барномаю гузоришҳои телевизионӣ оид ба фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва нақшаҳо дар соли 2013, дар бораи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор, иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, масъалаҳои бокортаъминкунӣ, квота, корҳои ҷамъиятии музднок ва оид ба фаъолияти Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон дар барномаи **"Тафсир"** ва "Тобиш"-и шабакаи 1 ТВТ сабт ва намоиш дода шуд.

Инчунин, гузоришҳои директори Агентӣ Маҳмадуллоев Н. "Аз паём то паём", сардори Раёсати бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ Қурбонов Н. оид ба касбомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ, сардори шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ Каримов С., духтури Раёсати ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ Ёров М., баромадҳои сардори шуъбаи ташкили хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муввақатӣ Наимов О., сармутахассиси шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ Илолова Р. дар барномаи сиёсии "Ахбор ва барномаи сиёсию таҳлилии "Равзана" пахш гардид.

Қайд кардан ба маврид аст, ки телевизионҳои ТВТ-1, ТВ "Сафина", ТВ "Ҷаҳоннамо", ТВ "Пойтахт", ТВ "Баҳористон", радиоҳои "Тоҷикистон", "Садои Душанбе", "Имрӯз", дар ҳамаи ярмаркаҳое, ки баргузор мегарданд фаъолона иштирок намуда, тавассути барномаҳои телевизионӣ рафти ярмаркаҳо манзури тамошобинон мегардад.

Ташкил ва баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ яке аз самтҳои муҳими Агентӣ ба шумор меравад.

Аз ин рӯ аз аввали соли ҷорӣ 260 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ аз ҷониби Сарраёсат, раёсат ва шуъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки васоити ахбори омма гузаронида шуд. Ҳамзамон дар ярмаркаи минтақавии Сарраёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон, раёсатҳои Агентӣ дар шаҳри Ваҳдат ва дар ноҳияи Ҳисор телевизиони Тоҷикистон, ТВ "Сафина", Радиои Тоҷикистон ва рӯзномаҳои маҳалӣ ширкат варзиданд, ҳамзамон гузоришҳои матбуотӣ омода намуда ба ВАО сари вақт пешниҳод гардид.

Дар робита ба ин метавон гуфт, ки Агентӣ бо **шабакаҳои Радиои** Тоҷикистон, "Садои Душанбе", "Имрӯз" ҳамкорӣ намуда, мусоҳибаю барномаҳо мураттаб шуданд, ки мавзӯъҳои "Ҳадафи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ», доир ба амалӣ гаштани Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, роҷеъ ба муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ барномаи "Гар дасти фитодае бигири..." дарбар гирифтанд.

Ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» ва радиои Тоҷикистон доир ба баргузории ярмаркаи

ҷойҳои кории холии соҳавӣ барои маъюбон, соҳаи маориф, омӯзиши малакаи касбӣ мактуб таҳия ва дастрас карда шуд, ки зиёда аз **145 эълони вакансияҳои холӣ** бо сатри равон ҳамарӯза ба корҷӯён ва ниёзмандон пешниҳод гардид.

Мавриди зикр аст, ки соли равон Агентӣ ҳамкориро бо шабакаҳои интернетии АМИТ «Ховар», «Азия-плюс», «Тоҷ-news» ва «labour.tj», «Pressa. tj», «Озодагон» ва «Имрӯз-нюс» хуб ба роҳ монда, ҷиҳати инъикоси фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мунтазам маводҳои иттилоотӣ манзур гардид. Бояд зикр намуд, ки дар тариқи шабакаи 1 ТВ дар барномаи сиёсии "Тобиш" барномаи телевизионӣ "Оиди сатҳи хизматрасонӣ аз фаъолияти Муассисаи давлатии "Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати "Харангон" – и ноҳияи Варзоб" ва Муассисаи давлатии "Истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати "Дӯстӣ" – и ноҳияи Қумсангир баронма таҳя ва пахш гардонида шуд.

**Дар ин муддат ба шабакаҳои иттилоотии интернетӣ 57** мавод дар бораи натиҷаи фаъолияти Агентӣ ва иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013, кӯмакҳои хайриявӣ ба хона интернатҳо, кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат, муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар марказҳои муваққатӣ ва оид ба ҷорӣ намудани низоми кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истравшан ва Ёвони вилояти Хатлон сабт гардид.

Барои беҳтару самаранок ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ Нақша-чорабиниҳо оиди инъикоси фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шабакаҳои радио ва телевизионии ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» таҳия ва ба мақомоти зертобеъ дастрас гардонида шуд.

Дар ин муддат 57 хабару эълон ва маълумотҳо оид ба 8977 адад ҷойҳои кории холӣ бо сомонаи www. Mehnat.tj ва сомонаи www.Kor.tj ворид карда шуданд.

Бо мақсади ёрии амалӣ расонидан ба ашхоси корҷӯ ва бекор, ки ба мақомотҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо мурочиат намуданд, кормандони Маркази роҳнамоии касбӣ дар шаҳри Душанбе бо 836 нафар, дар вилоятҳои Суғд бо 595 нафар, дар вилояти Хатлон бо 962 нафар, дар ВМКБ бо 221 нафар ва дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур бо 1158 нафар ашхоси корҷӯ машваратҳои фардӣ гузаронида, ба онҳо дар бораи ҷойҳои кории холӣ, марказҳои таълимии бозомӯзӣ, шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ ва сомонаи «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ» (www.kor.tj) маълумотҳо пешниҳод намуданд.

**Самти хоҷагидорӣ**

Агентӣ фаъолияташро дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ оиди иҷрои вазифаҳои ба зиммадоштаашро дар самти хоҷагидорӣ дуруст бароҳ монда як қатор корҳоро ба анҷом расонид. Тайи давраи ҳисоботӣ маблағи истифодаи об, барқ, ва хизматрасонии алоқа пардохт карда шуд.

Фармоиши директори Агентӣ аз 18 апрели соли 2013, №21 «Дар бораи сари вақт омода намудани соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷуиҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2013-2014» дар

мақомоти Агентӣ ва муассисаҳои статсионарӣ зери назорати доимӣ қарор дошта, Ситоди доимамалкунанда аз рӯи нақша чорабиниҳо фаъолият дорад.

Оиди масъалаи мазкур комиссияи салоҳиятнок ташкил карда шуда, захираи сӯзишворӣ ва озуқаро дар ҷояш санҷида, барои боз ҳам беҳтар гузаронидани тирамоҳу зимистони соли ҷорӣ маслиҳатҳои муфид дода, оиди захираҳои мавҷуда ба Вазорат маълумот пешниҳод намуд.

Ҷиҳати бехатарии қоидаҳои сӯхтор дар мақомоти Агентӣ ва зерсохторҳои он аз тарафи кормандони Агентӣ маслиҳату тавсияҳои судбахш дода мешаванд, воситаҳои асосӣ, молу амволи фарсудашуда ва корношоями дастгоҳи марказии Агентӣ ва зерсохторҳои он барои аз эътибор соқит кардан ба Кумитаи амвол ва идораи амволи давлатӣ пешниҳод карда шуд. Барои фароҳам овардани шароити корӣ барои корммандони дастгоҳи марказии Агентӣ ва сохторҳои он маводҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ харидорӣ карда тақсим карда шуд.

Барои шароити хуби корӣ ба утоқҳои дастгоҳи марказӣ мизи роҳбари ба миқдори 1 адад, мизи корӣ 60 адад, кресло 20 адад, компютер 5 адад харидорӣ карда шуда, маблағи истифодаи об, барқ ва хизматрасонии алоқа пардохт карда шуд.

**Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират минбаъд ҳам фаъолияти худро дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда, ба комёбиҳои назаррас ноил мегардад**.

**Директори Агентӣ** **Н. Маҳмадуллоев**